*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№7 (12492)
13 феврали
соли 2025

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



*Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф огоз меёбад. Бинобар ин, гамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне, ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

САНАД

# ФАРМОНИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 08.02.2025,
№962, ш. Душанбе

**«Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия»**

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мутобиқи моддаҳои 143, 147 ва 149 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», моддаҳои 12 ва 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» фармон медиҳам:

1. Аз 1 сентябри соли 2025:

- ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад;

- маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 дарсад зиёд карда шавад;

- маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 20 дарсад зиёд карда шавад;

- андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ 20 дарсад зиёд карда шуда, 744 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ 1345 сомонӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 1255 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида 1390 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия, аз ҷумла, стипендияҳои президентӣ (ба ғайр аз курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба андозаи 20 дарсад зиёд карда шаванд;

- маоши вазифавӣ (меъёрҳои тарифӣ)-и хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони дигари ин мақомот ба андозаи 20 дарсад зиёд карда шавад;

- маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани коэффитсиентҳо барои рутбаҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рутбаи қаторӣ то лейтенант 1668 сомонӣ ва аз рутбаи лейтенанти калон то генерали артиш 1500 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият менамоянд, 1500 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида 1668 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 дарсад зиёд, яъне, индексатсия карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- амалишавии фармони мазкурро дар соли 2025 аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории фонди музди меҳнат ва таъминоти нафақа пешбинишуда, маблағҳои бақияи озод, иҷрои барзиёди даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, аз ҳисоби сарфаи моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, азнавтақсимкунии моддаҳои дигари хароҷот, маблағҳои захиравии буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд;

- дар мӯҳлати як моҳ қарорҳои худро ба фармони мазкур мутобиқ намоянд;

- ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва ҳолатҳои дигар ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманд (ба ғайр аз нафақа)-ро мутобиқи Тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корманд дар ҳамаи ҳолатҳо (пардохти кафолатнок ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳангоми пардохти музди мӯҳлати рухсатӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати давраи гузаронидан ба кори дигар), ба ғайр аз музди миёнаи меҳнат ҳангоми таъйин намудани нафақа, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 тасдиқ шудааст, амалӣ намоянд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

САНАД

# ТАВЗЕҲОТ БА ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «ДАР БОРАИ ТАДБИРҲОИ ТАҚВИЯТ БАХШИДАНИ САТҲИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ ВА ЗИЁД НАМУДАНИ МАОШИ АМАЛКУНАНДАИ ВАЗИФАВИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ, КОРМАНДОНИ МУАССИСАЮ ТАШКИЛОТҲОИ БУҶЕТӢ, АНДОЗАИ НАФАҚА ВА СТИПЕНДИЯ»

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолиро яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат муайян намудаанд.

Дар ин робита, моҳи декабри соли 2024 ҳангоми ироаи Паёми навбатии худ ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дастур доданд, ки аз 1 сентябри соли 2025 маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва кормандони ташкилотҳои дигари буҷетӣ, инчунин, стипендия ва нафақа зиёд карда шавад.

Дар ин раванд, 8-уми феврали соли ҷорӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» ба тасвиб расид.

Бо таваҷҷуҳ ба маблағгузории соҳаи маориф ва дастгирии иҷтимоии кормандони ин соҳа, тибқи фармони мазкур маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд мегардад.

Маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, мактабҳои махсуси варзишӣ, донишкадаю марказҳои такмили ихтисос ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф ва муассисаҳои илмӣ ба андозаи 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла, аз рӯйи мансабҳои сартабиб, табиб, кормандони миёна ва кормандони хурди тиббии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, беморхонаҳо, марказҳои саломатӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ 20 фоиз зиёд гардида, пардохти он аз рӯйи Дастурамал оид ба тартиби таъйин ва пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Маоши кормандоне, ки дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ фаъолият менамоянд, 20 фоиз зиёд мегардад, яъне, маоши вазифавии кормандони тиббӣ, маъмурӣ ва хоҷагии хона-интернатҳо барои маъюбону пиронсолон, дигар муассисаҳои низоми иҷтимоӣ, аз ҷумла, осоишгоҳҳо, литсей-интернатҳои касбии махсуси маъюбон, шуъбаҳои кумаки иҷтимоӣ дар хона ва дигар муассисаҳои соҳа ба ҳамин андоза зиёд карда мешавад.

Инчунин, музди меҳнати кормандони соҳаи фарҳанг, аз ҷумла, китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳои давлатӣ, матбуоти даврӣ, телевизиону радио ва дигар муассисаҳои соҳаи фарҳанг 20 фоиз зиёд карда шуда, тибқи тартиби муайяншуда пардохт мегардад.

Бо мақсади ҷалб намудани мутахассисони болаёқат ба хизмати давлатӣ андозаи маоши заминавӣ барои мансабҳои маъмурии хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот 20 фоиз зиёд мешавад.

Дар асоси фармони мазкур маоши вазифавии кормандони дигар муассисаву ташкилотҳо низ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба андозаи 20 фоиз зиёд мегардад.

Ҳамзамон бо ин, аз 1 сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51

**08.02.2025, шаҳри Душанбе**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз зиёд, яъне, индексатсия карда мешавад.

Тибқи фармони мазкур аз 1 сентябри соли 2025 ҳадди ақалли музди меҳнат дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда мешавад, яъне, музди меҳнати моҳонаи кормандон дар ҳамаи муассисаю ташкилотҳо ва корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, аз 1 сентябри соли 2025 набояд аз 1000 сомонӣ кам бошад.

Дар асоси фармони зикршуда стипендияҳои амалкунанда, аз ҷумла, стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аспирантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбию илмӣ ва стипендияи давлатӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Маблағгузории маоши зиёдшуда пурра аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ таъмин карда мешавад.

---

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мукофотонидани 46 ғолиб ва ҷоизадори мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо тибқи рӯйхати замимагардида 1787 500 (як миллиону ҳафтсаду ҳаштоду ҳафт ҳазору панчсад) сомонӣ ҷудо намояд.

2. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи саривақтӣ ва мақсадноки маблағҳои ҷудошударо таъмин карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи хароҷоти анҷомдодаро пешниҳод намояд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон**
**ш. Душанбе**
**10 феврали соли 2025**
**№АП-743**

---

# ТАВЗЕҲНОМА БА АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «ДАР БОРАИ САРФАРОЗ ГАРДОНИДАН БО ҶОИЗАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ҒОЛИБОН ВА ҶОИЗАДОРОНИ МУСОБИҚАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ВАРЗИШӢ»

**10.02.2025, шаҳри Душанбе**

Дар ҷаҳони муосир варзиш ба василаи муҳимтарини таъмини сулҳ ва ҳамзистии ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, тавассути он давлатҳо ва халқу миллатҳо мақом ва нуфузи байналмилалии худро ҳифз намуда, аз ҳувияту шарафи худ дифоъ менамоянд.

Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ аз ҷумлаи арзишҳои таърихии фарҳанги миллии мо ба шумор рафта, ҳанӯз аз замонҳои қадим тоҷикон дорои намудҳои гуногуни бозиҳои миллии варзишӣ буданд ва ба он майлу рағбати беандоза доштанд.

Дар фарҳанги миллии мо варзиш - рамзи ҷавонмардӣ ва шуҷоату далерӣ шинохта шуда, наврасону ҷавонон ба таври оммавӣ ба машқу тавонмандӣ ҷалб карда мешаванд.

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ варзиш дар сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи шоиста касб намуда, чиҳати омода кардани варзишгарони касбӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои варзиш шароити зарурӣ фароҳам гардидааст.

Бо дарназардошти ин, соҳаи варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ба оммавигардонии варзиш, таҳким бахшидани тарзи ҳаёти солим ва омодасозии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ равона гардидааст.

Дар заминаи шароити муҳайёшуда варзишгарони кишвар тавонистa истодаанд, ки мақом ва шарафи кишварамонро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳифз созанд ва онро ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Имрӯз бо мақсади ҳавасмандгардонии ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, ки тибқи он барои қадршиносии 46 нафар ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо 1 787 500 (як миллиону ҳафтсаду ҳаштоду ҳафт ҳазору панчсад) сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст.

Ин иқдом идомаи қадршиносиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири рушди варзиш ва ҳавасмандгардонии варзишгарони бaору номуси Тоҷикистон буда, бори дигар собит менамояд, ки рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамеша дар мадди назари Сарвари давлати Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Ёдовар мешавем, ки ҳанӯз соли 2015 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ» ба тасвиб расида буд, ки тибқи он соле нухум аст ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ бо ҷоизаи мазкур қадршиносӣ мегарданд.

То ин давра ба 370 нафар ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ аз фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 миллиону 250 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ ҷудо гардида, дар вазъияти тантанавӣ тақдим карда шудааст.

Ҳадафи асосӣ аз амалӣ кардани сиёсати давлат дар соҳаи варзиш, пеш аз ҳама, тарбия намудани насли худшиносу худогоҳ, донишманду созанда, соҳибмаълумоту соҳибкасб, аз лиҳози ҷисмониву маънавӣ обутобёфта ва бо ҳамин роҳ ба вуҷуд овардани заминаи боэътимод барои ҷомеаи тавонои Тоҷикистон мебошад.

***www.president.tj***

---

СОЗАНДАГӢ

# Роғун: се кӯдакистон бунёд мегардад



Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати бунёди муассисаҳои томактабӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун бунёди се кӯдакистонро дар деҳаҳои Қандак, Ҷавонӣ ва Чормағз ба нақша гирифтааст. Биноҳои мазкур дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ҳамчунин, соли 2024 дар деҳаи Қалъаи Нав як кӯдакистони замонавӣ сохта, ба истифода дода шуд. Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ Раиси шаҳри Роғун Суҳайтулло Саидзода иттилоъ дод.

То 1 апрели соли 2025 «Стратегияи ҷалби сармоя барои давраи то соли 2040» таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда мешавад.

МУЛОҚОТ



## Боздиди вазир аз ДМТ

5-уми феврали соли 2025 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташриф оварда, аз озмоишгоҳҳои Институти илмию таҳқиқотӣ боздид намуд.

Ректори донишгоҳ Э. Насриддинзода ва намояндагони сохторҳои дахлдори донишгоҳ аз фаъолияти Институти илмию таҳқиқотӣ сухан намуда, таъкид доштанд, ки институти мазкур дар зарфи беш аз 20 соли фаъолияти худ ба комёбиҳои назаррас ноил гаштааст. Он яке аз марказҳои асосии пажуҳиш ва таҳқиқот дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Имрӯзҳо дар пояи институт як қатор мактабҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои физика, математика, химия, биология, геология, ҳуқуқшиносӣ, таърих ва иқтисодӣ амал мекунанд. Ин мактабҳо аз ҷониби олимони кишварҳои дохил ва хориҷи кишвар эътироф гардидаанд.

Ёдовар мешавем, ки озмоишгоҳҳои Институти илмҳои таҳқиқотӣ дорои дастгоҳҳои наву замонавӣ барои самтҳои илми химияву биотехнология, аз қабили «Электроспиннинги якнасоса», «Спитеринг», «Инфичории электрикӣ» ва «Спектрофотометри нури дугона» мебошад, ки дар самти татбиқи барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ мусоидат менамоянд.

БАРРАСӢ

## ВАЗЪИ ИҶРОИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ



5-уми феврали соли равон дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ҷаласа баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовини вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеъ иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм зикр кард, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, ки 28-уми декабри соли 2024 ироа гардид, баробари баррасии вазъи кунунии соҳаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, ба соҳаи маориф ҳамчун самти калидии таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва таъмини рушди устувори ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Сарвари давлат ба дурнамои рушди устувори соҳаи маориф, бахусус, рушди муассисаҳои томактабӣ, ки заминаҳои бунёдии ташаккули донишу маърифати насли наврасро ташкил медиҳанд, диққати махсус зоҳир карданд.

Зимни баргузории ҷаласа сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ Ҷамшед Маҷидзода оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» гузориш дод. Гуфта шуд, ки «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дигар санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таҳия гардидааст. Иҷрои барномаи мазкур зери назорати доимӣ қарор дошта, амалишавии он ҳар сол ду маротиба-моҳҳои июн ва декабр дар ҷаласаи ҳайати мушовараи вазорат, Шурои миллии таҳсилот мавриди баррасӣ ва чораҷӯӣ минбаъда қарор мегирад.

Дар ҷаласа масъалаҳои фарогирии бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ, иҷрои саривақтии барнома, дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, боло бурдани сатҳу сифати таълиму тарбия низ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

## Дар МТМУ №10-и шаҳри Исфара

7-уми феврали соли 2025 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба МТМУ №10-и Ҷамоати Навободи шаҳри Исфара рафта, бо омӯзгорону хонандагони муассисаи мазкур вохӯрӣ баргузор намуд.

Вазири маориф ва илм зимни вохӯрӣ қайд намуд, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Сарвари давлат ба рушди соҳаҳои илм ва маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пайваста тадбирҳои тозаро дар ин самт роҳандозӣ менамоянд.

Дар идомаи вохӯрӣ масъалаҳои боло бурдани сатҳу сифати таълиму тарбия, давомоти хонандагон, риояи сару либоси тавсиявӣ, иштироки бештари хонандагон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, бештар намудани тарбияи ватандӯстиву хештаншиносии мактаббачагон, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ, вазъи зимистонгузаронӣ, баланд бардоштани сатҳи омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзӣ, ташаккули тафаккури техникӣ, омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ, инчунин, сифат ва самаранокии тарбияи кадрҳои илмӣ мавриди таҳлил ва баррасии хоса қарор дода шуданд.

ҶАЛАСА

## ВОХӮРИИ СУДМАНД

7 феврали соли 2025 дар МТМУ №12-и шаҳри Исфара вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо омӯзгорон ва масъулони раёсати маорифи шаҳри Исфара вохӯрӣ доир намуд. Дар вохӯрии мазкур муовини раиси шаҳри Исфара Мадина Бобоиён, сардори раёсати маорифи вилояти Суғд Мадина Набизода, омӯзгорон, масъулони раёсати маориф, мудирони муассисаҳои томактабӣ, директорони муассисаҳои таълимии миёнаи умумии шаҳри Исфара ва дигар кормандони соҳаи маориф иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм дар робита ба нуктаҳои гуногуни Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ибрози назар намуд.

Таъкид гардид, ки дар такя бо роҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллат мо, омӯзгорону кормандони соҳаи илму маорифи кишварро мебояд, дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон беш аз пеш кӯшишу талош намоем. Зеро дар айни ҳол хатари ифротгароӣ ва пахн гардидани ақидаҳои зараровари ифротӣ миёни наврасону ҷавонон яке аз мушкилоти мубрами ҷомеа гардида, ин зуҳурот ба рушди ҷомеа таъсири манфӣ расонида, ба амнияти шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат таҳдид мекунад. Барои мубориза босамар бо ин мушкилот бояд, пеш аз ҳама, ба низоми таълиму тарбия, ки яке аз унсурҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои наврасону ҷавонон аст, таваҷҷуҳ намуд.

Ҳамзамон, вазири моуриф ва илм иброз дошт, ки баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, Ҳукумати кишвар ба таъриху фарҳанг ва ҷашну маросими мардумӣ диққати ҷиддӣ дода, барои эҳёи арзишҳои миллӣ талош менамояд. Аз ин рӯ, мо-кормандони соҳаи маорифро мебояд, ки ҷашни Наврӯзи оламафрӯзро дар соли 2025 бо шукӯҳи хос пешвоз гирифта, дар соли нави аҷдодӣ баҳри рушди соҳаи маорифи миллӣ аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода барем.

Дар идома гуфта шуд, ки вохӯрии имрӯза барои инкишофи минбаъдаи илм ва маорифи шаҳри Исфара мусоидат хоҳад кард.

## Ташрифи вазир ба Донишкадаи иқтисод ва савдо

7 феврали соли 2025 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо мақсади шиносоӣ аз ҷараёни таълиму тарбия, раванди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ба Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ташриф овард.



Вазир ба гурӯҳҳои академӣ, аз ҷумла, ба донишҷӯёни ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон, таҳсил бо забони англисӣ, ҳамчунин, ихтисоси самти технологияҳои инноватсионӣ мулоқот карда, донишҷӯёнро ба омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои инноватсионии муосир даъват намуданд.

Ба раёсати донишкада ҷиҳати такмили корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ ва ҷалби довталабон ба ҳамаи зинаҳои таҳсилот, баландбардории сифати таълиму тарбия, беҳтар намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, татбиқи корҳои илмӣ-инноватсионӣ дар истеҳсолот, тақвияти корҳо дар самти мубодилаи академӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави таҳсил ва касбомӯзӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд.

*Маркази матбуоти*
*Вазорати маориф ва илми*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Дар шаҳри Норак ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 2,4 миллиард сомонӣ расид.**

*Чун метавонӣ худ бикунӣ, рӯ ба кас наор.*
*Лев Толстой*



МУҲИТИ ЗИСТ



# ШИНОСОӢ АЗ МАРКАЗИ ТАШХИСИ ЭКОЛОГӢ

7-уми феврали соли 2025 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода аз Маркази ташхиси экологӣ дар назди факултети геоэкология ва туризми ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дидан карда, бо шароити таълимӣ, лабораторӣ ва ташхисии он шинос гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки Маркази ташхиси экологӣ бо озмоишгоҳи таълимӣ - ташхисӣ дар назди факултети геоэкология ва туризм 1-уми ноябри соли 2023 ифтитоҳ ёфтааст. Маркази мазкур дар ҳамкорӣ бо Намояндагии Котиботи байналмилалии захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷҳизоти техникӣ барои гузаронидани ташхисҳои лабораторӣи оби ошомиданӣ ва обҳои партов дар шароити саҳроӣ таҷҳизонида шудааст. Бо таҷҳизоти Маркази имконияти ташхиси таркиби химиявӣ, физикӣ, микробиологӣ ва бактериалии намунаҳои оби ошомиданӣ, обҳои партов, маишӣ, саноатӣ, ченкунии сатҳи садо, таркиби ҳавои атмосфера, сатҳи радиатсия ва ғайра муайян карда мешаванд. То имрӯз дар озмоишгоҳи марказ беш аз 140 намунаи обҳои тоза ва 360 намунаи партовҳои маишӣ ташхис гардида, натиҷаи он дар таҳқиқотҳои магистрантон ва докторантон истифода гардидааст.

Дар марказ машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ аз фанҳои «Экспертизаи экологӣ», «Экологияи амалӣ», «Ботаника бо асосҳои экология», «Гидроэкология», «Физиологияи растаниҳо», «Фитопатология», «Экологияи хок», «Экологияи кишоварзӣ» ва ғайра гузаронида мешаванд.

ГУФТУГӮ

# ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД



8-уми феврали соли 2025 дар МТМУ №28-и шаҳри Хуҷанд бо сокинони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд қабули сайёри шаҳрвандон аз ҷониби вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода баргузор гардид.

Шаҳрвандон вобаста ба масъалаҳои сохтмони бинои муассисаҳои томактабӣ аз ҷониби соҳибкорон, ҷудо намудани қитъаи замин, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои томактабӣ, бунёди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷудо намудани қарзи имтиёзнок барои омӯзгорони ҷавон, интиқолу барқарори донишҷӯён, сохтмони биноҳои шуъбаҳои маориф, таъмин ба ҷойи кор, сохтмони толори варзишӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ва ғайра муроҷиат намуданд.

Дар рафти баррасии муроҷиатҳо вазири маориф ва илм ба масъулин ҷиҳати ҳаллу фасли сариваҚтии масоили мавҷуда дар муҳлатҳои муайян дастуру супоришҳои мушаххас дод.

МАШВАРАТ

# Дар роҳи иҷрои супоришҳо

8-уми феврали соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.



Вазири маориф ва илм ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илмро оид ба вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъмин бо кадрҳои педагогӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд огоҳ карда, ҳозиринро ба рӯзномаи ҷаласа ва масъалаҳои ҷории баррасишаванда шинос намуд.

Зимни баррасии масъалаҳо раиси ҷаласа таваҷҷуҳи асосиро ба вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъмин бо кадрҳои педагогӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ, мақоми омӯзгор, фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабӣ, ташкили марказҳои инкишофи кӯдак дар назди муассисаҳои таълимӣ, зиёд кардани шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, риояи талаботи ҳуҷҷатгузорӣ дар муассисаҳои таълимӣ, иштироки хонандагону омӯзгорон дар дарс, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон, таъминот бо китобҳои дарсӣ, пешниҳоди маълумоти омории дуруст оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, риояи санадҳои меъёрии батанзимдарорандаи соҳа, дастгирии омӯзгорони ҷавон, омӯзиши забони давлатӣ, омӯзиши забонҳои русиву англисӣ, иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва дастгирии омӯзгорони онҳо, риояи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» равона карда, ба масъулин ҷиҳати иҷрои ҳатмию сариваҚтии стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара ва фармоишҳои вазири маориф ва илм супоришҳои қатъӣ дод.

МАВЗУИ МУҲИМ

# ҶАЛАСАИ ОНЛАЙНИИ СИТОДИ КОРИИ ВАЗОРАТ

7-уми феврали соли 2025 ҷаласаи онлайнии Ситоди кории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо омӯзгорони касбӣ бо иштироки муовини вазири маориф ва илм Равшан Каримзода, сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори вазорат, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар, роҳбарони муассисаҳои тобеъ ва дигар кормандони соҳаи маориф тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ баргузор гардид.

Муовини вазири маориф ва илм иброз дошт, ки дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз бо мақсади ҳарчи бештар фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ таъсиси Маркази инкишофи кӯдак дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба нақша гирифта шудааст.

Сипас, сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ Ҷамшед Маҷидзода дар мавриди «Банақшагирии муассисаҳои томактабӣ, умумӣ ва таъсиси Маркази инкишофи кӯдак дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» ва сармутахассиси арзёбии лоиҳаи «Муҳити солим-асоси таҳсилоти босифат» Умедҷон Иноятов вобаста ба «Омодагиҳо ба арзёбии байналмилалии PIRLS» суханронӣ намуданд.



*Маркази матбуоти*
*Вазорати маориф ва илми*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Ҳамкорӣ бо 35 кишвари ҷаҳон

Дар нишасти матбуотии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов ректори он Амир Иброҳимзода қайд намуд, ки соли 2024 донишкада ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардид. Аз ҷумла, моҳи июн дар мусобиқаи «Dushanbe Grand Slam 2024» омӯзгори кафедраи намудҳои гӯштини донишкада Беҳрӯзи Хоҷазода дар вазни 73 кг сазовори ҷойи 2-юм ва донишҷӯйи курси 5-и факултети омодагии дифои ҳарбӣ Муҳаммадсолеҳ Қувватов соҳиби медали тилло гаштанд. Ҳамзамон, Ҳақназар Назаров, донишҷӯйи фаъоли донишкада соли 2024 гирандаи Ҷоми Раиси шаҳри Душанбе гардид ва аз тарафи Федератсияи байналмилалии гӯштингирии Тоҷикистон «Варзишгари байналмилалии сол» эълон карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Нақши Пешвои миллат дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва таъсири он дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ» баргузор гардид. Вобаста ба ин мавзуъ, раёсати донишкада 12 дарси омӯзишӣ ва 2 мизи мудаввар ташкил намуд. Донишкада бо муассисаҳои олии касбии 35 мамлакати ҷаҳон созишномаи ҳамкорӣ дошта, айни ҳол дар он 46 нафар донишҷӯ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Туркманистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Покистон ва Федератсияи Россия таҳсил менамоянд.

*Хуршеда АЗИЗОВА,*
*«Омӯзгор»*

**Соли 2025 дар вилояти Суғд барои қадршиносии ғолибон ва дар сатҳи баланд доир намудани озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» 896 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.**

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

– Боиси хурсандист, ки соли 2024 чун солҳои сипаришуда барои донишгоҳ соли бобарор ва хотирмон буд, зеро 24-уми май Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди маҷмааи биноҳои нави таълимии Донишкадаи байналмилалии Данғара санги асос гузоштанд, - изҳор дошт дар нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Убайдулло Асрорзода ва афзуд, ки соли гузашта дар сохтори донишгоҳ 2 пажуҳишгоҳи илмию таҳқиқотӣ, 3 институти таълимӣ, 10 марказ ва дигар воҳидҳои сохтории вобаста ба меъёрҳои ҷаҳонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шуданд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Литсейи касбии хизмат ва туризми шаҳри Душанбе ба ихтиёри Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар соли сипаришуда бахри боз ҳам баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон бо 54 корхонаву ташкилоти истеҳсолию

# Таъсиси 3 институти илмӣ



хизматрасонии ватаниву хориҷӣ дар мавриди гузаштани таҷрибаомӯзиҳо шартномаҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расид. Дар давоми соли 2024 ҷиҳати таҳкими минбаъдаи сифати баргузории машғулиятҳо ва истифодаи самараноки технологияҳои муосири таълим, раванди баргузории зиёда аз 380 машғулият аз ҷониби коршиносон мавриди назарсанҷӣ қарор дода шуда, машғулиятҳои намунавии омӯзгорон ба омӯзгорони ҷавон ҷиҳати омӯзиш тавсия карда шуданд.

Бояд зикр намуд, ки ҳайати устодон ва муҳаққиқони донишгоҳ дар ин давра 45 монографияи илмӣ ва 132 маводи илмӣ (китоби дарсӣ, васоити таълимӣ, дастури методӣ) таълиф ва нашр намуданд. Дар соли 2024 дар умум, 369 чорабинии гуногуни илмӣ баргузор карда шудааст. Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ вусъат ёфта, бо 48 муассисаи таълимӣ ва марказҳои таълимиву илмӣ-таҳқиқотии хориҷи кишвар шартномаҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расонида шуданд. Маврид ба зикр аст, ки дар ин давра 323 нафар донишҷӯйи донишгоҳ дар доираи созишномаҳои ҳамкорӣ ва табодули академӣ дар Донишгоҳи Ситии Малайзия, Донишгоҳи давлатии иқтисодии Урал, Донишгоҳи давлатии фарҳанги Қазон, Донишгоҳи давлатии ҷанубии Қазоқистон, Донишгоҳи шарқии Қазоқистон ва Донишгоҳи миллии АвруОсиё ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Соли гузашта донишҷӯёни донишгоҳ дар 6 олимпиадаи байналмилалӣ, аз ҷумла, озмуни байналмилалии «Модели БРИКС» ва созмони ҳамкориҳои Шанхай ширкат варзида, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд.

Дар нишаст ректори донишгоҳ дар хусуси қабули хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба донишгоҳ, фаъолияти коллеҷу литсейҳои донишгоҳ ва дигар масоил сухан ронда, ба саволҳои рӯзноманигорон посух дод.

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»*

## Таҳсили 341 нафар шаҳрванди хориҷӣ

Дар ДДМИТ тибқи талаботи бозори меҳнат ихтисосҳои ба талаботи замонавӣ, аз қабили иқтисодиёти сабз, иқтисод ва молияи бозори амвол, менеҷменти лоиҳаҳои рақамӣ, иқтисодиёт ва молияи хоҷагии манзилию коммуналӣ, иқтисодиёт ва молияи корхонаҳои хоҷагии шаҳр роҳандозӣ карда шуд. Дар ин хусус ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳакимбек Абдуалимзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Дар соли 2024 11 омӯзгори хориҷӣ дар донишгоҳи мазкур аз такмили ихтисос гузаштаанд. 34 нафар омӯзгори донишгоҳ дар донишгоҳҳои Чин, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Россия донишҳои хешро такмил бахшиданд.

Инчунин, дар донишгоҳ 341 донишҷӯйи хориҷӣ бо забонҳои англисиву русӣ таҳсил доранд.

*Шаҳноза БОБОМУРОДОВА, «Омӯзгор»*

# Ҳамкориҳои байналмилалӣ муфиданд

Ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Муҳриддин Низомӣ дар нишасти матбуотӣ ба журналистон оид ба натиҷаҳои фаъолияти донишкада дар соли 2024 маълумот дод. Зикр гардид, ки донишкадаро 395 (15 нафар бо дипломи аъло) хатм намуданд ва 102 нафари онҳо ба ҷойи кор фиристода шуданд. Дар баробари ин, 28 нафар тариқи квотаи Президентӣ пас аз хатми донишкада ба маҳалли зисти хеш роҳхат гирифтанд. Дар ин миён 43 донишҷӯ ихтисоси санъати мусиқӣ ва таҳсилоти томактабӣ (санъати мусиқӣ)-ро, ки ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ мебошанд, хатм карда, соҳиби ҷойи кор шуданд.

Рӯзноманигорон ба паҳлуҳои мухталифи фаъолияти муассиса, аз ҷумла, фаъолияти омӯзгорони донишкада ва ҳамкории онҳо бо мутахассисони хориҷӣ мароқ зоҳир намуданд. Қайд гардид, ки дар соли 2024 аз ҷониби омӯзгорон чор монография, ҳашт китоби дарсӣ, шаш маҷмуаи мақола, даҳ воситаи таълимӣ ва дувоздаҳ дастур ва барнома таълиф ва нашр гардидааст. Илова ба ин, ҳайати илмии донишкада дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 35 мақола, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи хориҷи кишвар 43, ҳамчунин, 248 мақолаи илмӣ ва илмию оммавӣ нашр кардаанд.

Дар робита ба ҳамкориҳо, ректор афзуд, ки айни замон ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода бо 59 муассисаи олии мамлакатҳои хориҷи дуру наздик созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида, дар доираҳои онҳо ҳамкориҳои илмӣ, таълимӣ ва эҷодиро ба роҳ мондааст. Айни замон 60 нафар донишҷӯйи аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ин ҷо таҳсил доранд.

Ректор бо қаноатмандӣ зикр намуд, ки ҳамасола шогирдонашон дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат» ширкат варзида, ғолиб меоянд. Иштироки устодону шогирдони донишкада дар симпозиуму конфронсҳои байналхалқӣ ва форумҳои байналмилалӣ аз ҷанбаҳои дигари фаъолияти ин муассиса ба шумор меравад, ки рӯзноманигорон доир ба ин масъала низ саволҳо дода, ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

# Бунёди 11 таълимгоҳи нав

Дар нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳия Дилшод Сафарзода оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия дар соли 2024 ба рӯзноманигорони ватанию хориҷӣ маълумот дод. Дар баробари дигар соҳаҳо рӯзноманигорон ба масъалаи мактабу маориф низ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Д. Сафарзода дар робита ба ин масъала иттилоъ дод, ки имрӯз дар ҳудуди ноҳияи Фирдавсӣ 53 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва 37 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият дорад.

Айни замон дар ноҳия сохтмони 5 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ идома дорад. Дар баробари ин, дар маҳаллаи Сомони ноҳия як мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ (барои 1200 ҷойи нишаст дар як баст) ба истифода дода шуд. Ҳамчунин, сохтмони 11 муассисаи таҳсилоти томактабӣ то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба нақша гирифта, аз ин то охири соли ҷорӣ 4 муассиса барои 820 нафар кӯдак сохтаву ба истифода дода хоҳад шуд.

Таъкид гардид, ки дар соли 2024 шумораи умумии тарбиятгирандагони муассисаҳои томактабӣ 8497 нафарро ташкил дод. Аз ин 7071 нафар дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии буҷетӣ ва 1426 нафар дар муассисаҳои томактабии хусусӣ ва назди корхонаву ташкилотҳо ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд, ки ба онҳо 472 мураббӣ таълиму тарбия медиҳанд.



Дар ноҳия гирандагони стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 77 нафар, Раиси шаҳри Душанбе 17 ва раиси ноҳияи Фирдавсӣ 42 нафарро ташкил медиҳанд. Дар соли таҳсили 2023-2024 дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ аз ҳисоби хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия 275 нафар иштирок карда, 133 нафар соҳиби ҷойҳои аввал ва ифтихорӣ гардиданд.

Дар озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм–фурӯғи маърифат» низ шогирдони таълимгоҳҳои ноҳия фаъолона ширкат варзиданд, ки як нафар сазовори Шоҳҷоиза гардид.

*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

## Намоиши асарҳои рассомон

8 феврали соли 2025 дар Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор гардид. Дар оғоз ректори таълимгоҳ Сироҷиддин Ҷӯрахонзода изҳор дошт, ки дар соли 2024 донишкада фаъолияти пурсамар дошт. Ҷиҳати рушди санъати тасвирӣ омӯзгорон дар даҳҳо намоиши сатҳи байналмилалӣ ва дохилидонишкадавӣ иштирок намуда, махсули эҷоди худро ба намоиш гузоштанд. Аз ҷумла, намоиши асарҳои Исуф Сангов бо унвони «Роҳи паймуда», профессор Анваршо Сайфуддинов «Нигоҳи пурасроре ба гетӣ», инчунин, намоиши васеи асарҳои рассомони тоҷик бо номи «Боз дар фазои иттифоқ» дар толори донишкада баргузор гардид.

Донишкада дорои Маркази бачагонаи рассомӣ, бахши тайёрӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддати дӯзандагӣ буда, 20 нафар дар Маркази бачагонаи рассомӣ, 29 нафар дар бахши тайёрӣ ва 10 нафар дар курси дӯзандагӣ таҳсил менамоянд. Ҳамзамон, донишкадаи мазкур вобаста ба рушди санъати ҳайкалтарошӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи муштарак қабул намудааст, ки барои ривоҷи ҳайкалтарошӣ ҳамчун ихтисос мусоидат хоҳад кард. Мутаассифона, дар ин самт теъдоди довталабон чандон зиёд нест.

*Хуршеда АЗИЗОВА*
*«Омӯзгор»*

## Норак: вусъати сохтмони синфхонаҳои иловагӣ

Зимни нишасти матбуотӣ иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Норак Иброҳим Мирзозода иброз намуд, ки иҷрои барномаи компютеркунонӣ дар умум, 100 фоиз таъмин карда шуд, дар соли 2024 16 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бунёд гардид. Вале бинобар афзоиши аҳолии шаҳр, эҳтиёҷ ба ҷойҳои нишаст ба миён омада, тибқи нақшаи генералӣ бунёди биноҳои нави таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ дар назар дошта шудааст.

Дар ҳудуди шаҳр 39 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, 20 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 4 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 4 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва гимназияи давлатии №1 фаъолият доранд, ки дар онҳо 17 ҳазору 130 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

*Худододи ИСЛОМ,*
*"Омӯзгор"*

ДАСТУРИ АМАЛ

# ПАЁМ ВА МАСЪАЛАҲОИ ИЛМУ МАОРИФ

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки санаи 28-уми декабри соли 2024 ироа гардид, ба сифати ҳуҷҷати барномавӣ ва дурнамои рушди мамлакат таҳлилҳои илмӣ, дастовардҳо ва бурду бохти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар тӯли Истиқлоли давлатӣ ва дастуру супоришҳои мушаххас дар солҳои минбаъдаро дарбар мегирад.

Дар Паём Сарвари давлат доир ба вазъи ҷаҳони муосир, рушди иқтисоди миллӣ, ташаккули буҷаи давлатӣ, амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегӣ, касбомӯзӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати дониши насли наврас, таъмини зиндагии шоистаи мардум, рушди сайёҳӣ, инкишофи соҳаҳои иҷтимоӣ, монанди маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва сол аз сол зиёд гардидани маошу нафақа, беҳтар шудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон, такмили санадҳои қонунгузорӣ, пешгирии терроризму экстремизм, робитаҳои хориҷии Тоҷикистон ибрози андеша намуданд.

Соҳаи маориф дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар маркази таваҷҷуҳи Сарвари давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дошта, ҳамчун соҳаи афзалиятнок боқӣ мемонад. Доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот Пешвои миллат аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намуда, таъкид доштанд, ки «Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа медиҳад». Ба андешаи Сарвари давлат имрӯз дар соҳаи маориф ҳашт барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат тасдиқ карда шудааст, ки ба рушду инкишофи таълиму тарбия, татбиқи ислоҳоти соҳа, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии нав ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот мусоидат менамояд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олӣ сохта ба истифода дода шудааст. Пешвои миллат доир ба бунёд намудани муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба мақомоти масъул супориш доданд, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар бояд ин масъала ҳалли худро ёбад.



Дар зинаи таҳсилоти олӣ доир ба мавҷуд будани норасоиҳо дар сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон, истифодаи технологияҳои муосир, ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, мустаҳкам намудани заминаҳои моддиву техникӣ, ҳамкории байналмилалии донишгоҳу донишкадаҳо, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмию тадқиқотӣ ва тарбиявӣ изҳори нигаронӣ намуда, ба тақвият ниёз доштани ин ҳамаро таъкид доштанд.

Ба мақсади таъмини кадрҳои баландихтисос дар самти иқтисодиёти рақамӣ ва технологияи инноватсионӣ Пешвои миллат дастур доданд, ки дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ва дар донишгоҳҳои дигари кишвар кафедраю ихтисосҳои мазкур таъсис дода шаванд.

Рушди маориф бо пешрафти илм пайванди ногусастанӣ дорад. Пешрафти кишвар бе рушди илму маориф, таъмини мутахассиси ихтироъкору навовар, барномасоз, пешниҳоди идеяву татбиқи лоиҳаҳои муосир, сатҳу сифати баланди таълиму тарбияи кадрҳо, донистани забонҳои хориҷӣ имконнопазир аст.

Доир ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ, Сарвари давлат ба вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, Комиссияи олии аттестатсионӣ, академияҳои соҳавӣ ва дигар соҳаҳои марбут дастур доданд, ки «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030»-ро дар муддати ду моҳ таҷдиди назар карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Сарвари давлат зикр намуданд, ки дар шароити рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, мутахассисони касбияти баланддошта, донандаи забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисӣ рӯз аз рӯз меафзоянд. Бо ин мақсад, супориш дода шуд, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ ба роҳ монда шавад.

Дастуру супоришҳои Сарвари давлат масъулини соҳаҳои илму маорифро водор месозад, ки ба сатҳу сифати омӯзонидани илму дониш, забонҳои хориҷӣ, таъриху фарҳанги ниёгонамон ба наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

*Некрӯз МУЪМИНЗОДА,*
*сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илм*

# РУШДБАХШИ ТАҲСИЛОТ

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ба масъулин дастур доданд, ки «барои дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, ки 100 оила зиндагӣ мекунад, ҳатман бунёд кардани як муассисаи томактабӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд». Ин воқеан, иқдоми бузурги маорифпарварона мебошад.

Ҳадаф аз иқдоми мазкур он аст, ки насли ояндаи кишвар ба фарогирии тамоми донишҳои муосир бояд аз овони кӯдакӣ омода карда шавад. Дар ин самт омӯзиши забонҳои хориҷӣ дорои аҳаммияти махсус аст. Ба забономӯзии насли наврас бояд ҳар чи зудтар оғоз бахшид. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаи томактабӣ бояд такмил бахшида шавад. Ҳамчунин, ҷалби хонандагони синфҳои 1-4 дар бахши дахлдори озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» имкон медиҳад, ки кӯдакони наврасони мо аз хурдӣ зеҳни худро бо ашъори устодони сухан сайқал бахшанд, заминаи маърифати хешро устувор намоянд. Зиёд шудани номинатсияҳои озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» худ далели равшани ҷалби бештари хонандагон ба озмун ва фароҳам овардани имконияту имтиёзҳо ба онҳо мебошад. Ҳамакнун, хонандагони синфҳои 11, ки дар даври ҷумҳуриявии озмуни мазкур ширкат мекунанд, соҳиби имтиёзи махсусе мегарданд, ки имкон доранд бидуни имтиҳон барои гирифтани ихтисоси омӯзгорӣ ба макотиби олӣ дохил шаванд. Шурӯъ аз соли 2025 омӯзгорони шогирдони ғолиб дар ин озмун ба миқдори 20 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ хоҳанд гирифт, ки ин дастгирии шоистаи аҳли маориф, хоса, муаллимон мебошад.

*Замират ИСМАТОВА,*
*омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и шаҳри Исфара*

# Номаи бахту саодат

Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мардуми тоҷик муждаи неку фараҳбахшанд. Дар онҳо раванди иҷрои вазифаҳои қаблан тарҳрезишуда ва вазифаҳо барои соли нав ва солҳои баъдӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешаванд.

Бунёди мактабҳои замонавӣ, зиёд гардидани маблағгузории соҳаи маориф ва ба таври замонавӣ муҷаҳҳаз сохтани таълимгоҳҳо аз дастгириҳои пайвастаи Сарвари кишвар башорат медиҳанд. Ба мушоҳида мерасад, ки сатҳу сифати донишандӯзии хонандагон боло рафта, иштироки онҳо дар озмуну олимпиадаҳои сатҳи байналмилалӣ фаъолонатар мегардад.

Ғамхорӣ дар ҳаққи омӯзгорон ва тарбиятгарон аз самтҳои имтиёзноки сиёсати хирадмандонаи Сарвари кишвар мебошад. Ҳукумати мамлакат бо ҳидояти Пешвои миллат баҳри боз ҳам беҳтар гардонидани шароити фаъолияти аҳли таълиму тарбия нақшаҳои бузургро роҳандозӣ менамояд.

Сарвари кишвар супориш доданд, ки аз 1-уми сентябри соли 2025 маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд карда шавад. Ҳамчунин, маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайра 20 фоиз зиёд мешавад.

Дар Паём ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шуд, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ва зиёд гардидани шумораи кӯдакони наврасон баҳри афзун гардонидани муассисаҳои томактабӣ ва бунёди мактабҳои нав тадбирҳои мушаххас андешанд.

Дар Паём изҳор гардид, ки рушди маориф бо пешрафти соҳаи илм пайванди ногусастанӣ дорад. Вазоратҳои дахлдор ва дигар сохторҳои марбута вазифадор шуданд, ки «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030»-ро дар муддати 2 моҳ омода ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод кунанд. Зеро талабот ба мутахассисони соҳибкасб, донандаи забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисӣ рӯз аз рӯз меафзояд. Вобаста ба ин, таҳияи маводи муосири таълимӣ, истифодаи босамари технологияҳои рақамӣ, ҷорӣ кардани усулҳои нави омӯзиши забон ва такмили маҳорати касбии омӯзгорон зарур аст.

«Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки тамоми пешравиҳо пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад. То он вақте ки ҷомеа ба мактаб ба низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд». Ҳар як омӯзгор вазифадор аст, масъулияти ба зимма доштаашро бо дили соф иҷро намуда, бобати давра ба давра беҳтар гаштани сифати таълиму тарбия саҳм гузорад.

Паёми навбатии Сарвари кишвар роҳнамои имрӯзу фардои миллат аст. Намояндагони тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла, мо-кормандони маориф бояд онро амиқ омӯзем ва баҳри амалисозии дастуру супоришҳои додашуда саъйю талош намоем. Маҳсули кори мактаб он аст, ки насли наврас дар ҳар лаҳза ва ҳамеша омода бошад, то манфиати миллӣ ва амнияти ватанро дар қавлу амал ҳимоят кунад.

**Паёмат сарнавишти роҳи фардост,**
**Паёмат номуси имрӯзу фардост.**
**Ба қалби мо бувад ҷойи Паёмат,**
**Ҳама бахту саодат ҳамраҳи мост.**

*Маҳфиза МУКАРРАМОВА,*
*муовини директори мактаби №15-и ноҳияи Айнӣ*

**Соли 2024 дар муассисаҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 19 озмоишгоҳ бо асбобу технологияҳои замонавӣ ба истифода дода шуд.**

ИНТИХОБОТ – 2025

# ОМОДАГӢ – ШАРТИ МУҲИММИ ИНТИХОБИ ДУРУСТ

**2 марти соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ маъракаи Интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ баргузор мегардад. Роҷеъ ба ин масъала суҳбате доштем бо Махфират Хидирзода – узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**– Интихобот аз муҳимтарин маъракаҳои сиёсии ҳар давлат аст. Дар робита ба аҳамияти ин маърака ва нақши он дар рушди ҷомеа ва кишвар андешаҳоятонро изҳор медоштед.**

– Дар маҷмуи умумии равандҳои сиёсӣ интихобот мақом ва аҳаммияти хосса дошта, тавассути он қонунмандии ташкил ва фаъолияти ниҳодҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин мегардад. Он ҳамчун раванди сиёсӣ дар таъмини рушди босуботи ҷомеа нақши босазо дорад. Интихобот аслан кори дохилидавлатӣ буда, натиҷаи он ба иродаи интихобкунандагон - шаҳрвандон вобаста мебошад. Ҳамзамон бо ин, даҳҳо санади байналмилалӣ, меъёр ва қоидаҳое қабул шудаанд, ки риояи онҳо бахри эътирофи натиҷаҳои интихобот хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Интихобот бояд тавре ҷараён гирад, ки интихобкунанда тавонад сарчашмаи ҳокимият будани худро комилан эҳсос намояд. Шаффофият ва ошкорбаёнӣ принсипҳое мебошанд, ки дар заминаи онҳо раванди интихобот ташкил карда мешавад. Ин принсипҳо ба раванди ташкили интихобот ва фаъолияти ошкорову шаффофи комиссияҳои интихоботӣ вобаста буда, танҳо дар ҳамин замина эътимоди интихобкунанда ва воқеӣ будани интихобот ба даст оварда мешавад. Интихобот боиси ба ҳам омадани неруҳои гуногуни сиёсӣ гашта, онҳоро водор мекунад, то якдигарро гӯш кунанд, иродаашонро санҷанд ва мавқеи худро дар ҷомеа муайян намоянд. Дар баробари ин, интихобот василаи беҳтарини баҳодиҳии қувваҳои сиёсӣ ба қудрати худ мебошад. Таъкид намудан зарур аст, ки афзалияти манфиатҳои миллию давлатӣ бояд болотар аз ҳама ангезаҳои сиёсӣ бошад. Дар ин масъала, ҳам ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳам шаҳрвандон бояд масъулияти баланд эҳсос намоянд.




**– Масъалаи ҳуқуқи интихоботӣ ва тартиби овоздиҳӣ дар маъракаи интихоботро шарҳ медодед. Он чӣ гуна сурат мегирад ва бояд чӣ гуна бошад?**

– Ҳуқуқи интихоботӣ ҷузъи таркибии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, таъмин ва татбиқи самараноки он имконият медиҳад, ки ҳар як шаҳрванд дар доираи муайяни қоида ва арзишҳои сиёсию иҷтимоӣ муносибати худро ба равандҳои сиёсӣ муайян намуда, бо ҳамин роҳ дар идоракунии давлат бевосита ва ё ба воситаи вакилони интихобкардаи худ иштирок намояд. Ҳуқуқи интихоботӣ амалан ду ҷанба дорад: интихоб кардан ва интихоб шудан. Дар Тоҷикистон овоздиҳӣ дар интихобот ихтиёрӣ ва озод мебошад. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиби ташкили овоздиҳиро дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон муқаррар намудааст. Тибқи он, овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот соати 6.00 субҳ оғоз шуда, соати 20.00 ба охир мерасад. Овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот дар участкаи интихоботӣ сурат мегирад. Шаҳрвандоне, ки дар рӯзи интихобот дар маҳалли зисти худ буда наметавонанд (сафари хизматӣ, табобат ва ғайра), ҳафт рӯз пеш аз интихобот метавонанд ба ҳавзаи интихобот омада, пешакӣ овоз диҳанд. Интихобкунандагоне, ки бо сабаби беморӣ, пиронсолӣ ё сабабҳои дигари узрнок дар рӯзи овоздиҳӣ ба қитъаи интихоботӣ омада наметавонанд, ба қитъаи интихоботӣ муроҷиат мекунанд ва комиссияи участкавӣ овоздиҳии ин шаҳрвандро дар манзили истиқоматиаш ташкил мекунад.

**– Вобаста ба нақши аҳли маориф дар баргузории чорабинии мазкур чӣ андеша доред?**

– Интихобот маъракаи муҳимми сиёсиест, ки барои ташкилу баргузор намудани он қишрҳои гуногуни ҷомеа ҷалб карда мешаванд. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин мақсад бо сохтору мақомоти гуногуни давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақшаҳои корие тасдиқу амалӣ менамояд. Дар ин раванд бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба омода намудани коршиносони масоили интихобот машваратҳои омӯзишӣ ташкилу баргузор карда шуданд. Ҳамзамон бо ин, теъдоди зиёди омӯзгорон ҷиҳати фаъолият дар комиссияҳои интихоботӣ ҷалб карда мешаванд. Ин бесабаб нест, зеро омӯзгорон нафароне ҳастанд, ки ба моҳияти ин маъракаи муҳимми сиёсӣ хеле хуб сарфаҳм мераванд ва ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилию сиёсӣ баргузор намудани он мусоидат мекунанд. Инчунин, аксари участкаҳои интихоботӣ ҳам дар муассисаҳои таълимӣ ҷойгиранд, зеро биноҳои онҳо барои баргузор намудани овоздиҳӣ шароити созгор доранд. Дар ин маъракаи интихобот кор оид ба ташкили гӯшаҳои интихобкунандаи ҷавон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии кишвар оғоз шудааст, то ҷавононе, ки бори нахуст дар интихобот иштирок мекунанд, бо қонунгузорӣ ва тартиби ширкат дар ин маъракаи сиёсӣ ба хубӣ шиносоӣ пайдо кунанд.

Аз интихобкунандагон даъват дорам, ки бо барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо шинос шуда, дар маъракаи интихоботи вакилони халқ – 2025 фаъолона ширкат варзанд ва номзади арзандаро интихоб намоянд.

*Саидаи ФАЗЛ,*
*«Омӯзгор»*

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

## Ихтисосҳои нав дар ДБЗХТ

6 феврали соли равон нишасти матбуотии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баргузор гардид. Ректори донишгоҳ Жило Гулназарзода иброз дошт, ки қисмати дуюми китоби «Забони миллат – ҳастии миллат»-и Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи омӯзгорони донишгоҳ бо забонҳои англисӣ, русӣ ва чинӣ тарҷума ва нашр гардид. Инчунин, соли 2024 факултетҳои тарҷумонии забони англисӣ, равияи омӯзгории забонҳои Шарқ ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсис дода шуд. Инчунин, барои ҷалби бештари довталабон дар соли таҳсили 2025-2026 13 ихтисоси нав дар зинаҳои бакалавр ва магистратура роҳандозӣ гардиданд.

Соли 2024 тибқи созишномаҳо ҷиҳати таҳсилоти дудиплома тавассути табодули академӣ 55 донишҷӯ дар муассисаҳои олии касбии хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

*Ирода ТИЛАБОВА,*
*«Омӯзгор»*

ЗАБОНОМУЗӢ

# Муҳовараи мухтасари забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ

*(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)*

| Тоҷикӣ | Русӣ | Англисӣ | Ово-навишт |
|---|---|---|---|
| **МАКТАБ – ШКОЛА – SCHOOL** | | | |
| Ӯ бо тролейбус ба мактаб меравад. | Он едет в школу на троллейбусе. | He goes to school by trolley-bus. | [hiː gəʊz tuː skuːl baɪ ˈtrɒlɪ-bʌs] |
| Ман бо рафиқонам дар мактаб вомехӯрам. | Я встречусь с друзями в школе. | I meet my friends at school. | [aɪ miːt maɪ frendz æt skuːl] |
| Дар мактаби мо биноҳо бисёранд. | В нашей школе много зданий. | There are many buildings at our school. | [ðeər ɑː ˈmenɪ ˈbɪldɪŋz æt ˈaʊə skuːl] |
| Мактаби мо ошхона дорад. | В нашей школе есть столовая. | There is a canteen at our school. | [ðeər ɪz ə kænˈtiːn æt ˈaʊə skuːl] |
| Ошхона калон ва тоза аст. | Столовая большая и чистая. | The canteen is large and clean. | [ðə kænˈtiːn ɪz lɑːʤ ænd kliːn] |
| Мактаби мо майдончаи варзишӣ дорад. | В нашей школе есть спортплащадка. | There is a sports ground at our school. | [ðeər ɪz ə spɔːts graʊnd æt ˈaʊə skuːl] |
| Мо дар дарси тарбияи ҷисмонӣ бозӣ мекунем. | На уроке физкультуры мы играем. | We play during our physical training lessons. | [wiː pleɪ ˈdjʊərɪŋˈaʊə ˈfɪzɪkəl ˈtreɪnɪŋ lesnz] |
| Мо ҳар рӯз шаш соат дарс мехонем. | У нас по шесть уроков каждый день. | We have six lessons every day. | [wiː hæv sɪks lesnz ˈevrɪ deɪ] |
| Дарсҳои мо соати 8 оғоз мешаванд. | Наши уроки начинаются в 8 часов. | Our lessons begin at 8 o’clock. | [ˈaʊə lesnz bɪˈgɪn æt eɪt əʊ'klɒk] |
| Ман дар синфи ҳаштум мехонам. | Я учусь в восьмом классе. | I am in 8th form. | [aɪ æm ɪn eɪts fɔːm] |
| Дарсҳои ӯ соати як оғоз мешаванд. | Его уроки начинаются в час. | His lessons begin at 1 o’clock. | [hɪz lesnz bɪˈgɪn æt wʌn əʊ’klɒk] |
| Ӯ ҳар рӯз панҷ соат дарс мехонад. | У него по пять уроков каждый день. | He has five lessons every day. | [hiː hæz faɪv lesnz ˈevrɪ deɪ] |
| Ӯ хонандаи хеле хуб аст. | Он очень хороший ученик. | He is a very good pupil. | [hiː ɪz ə verɪ gʊd pjuːpl] |
| Мактаб дар маркази шаҳр воқеъ аст. | Школа находится в центре города. | The school is in the center of the city. | [ðə skuːl ɪz ɪn ðə ˈsentə ɒv ðəˈsɪtɪ] |
| Ӯ мактабро хеле дӯст медорад. | Он очень любит школу. | He likes school very much. | [hiː likes skuːl ˈverɪ mʌʧ] |
| Ӯ мехоҳад ба коллеҷ дохил шавад. | Он хочет поступить в колледж. | He wants to go to college. | [hiː wɒnts tuː gəʊ tuː ˈkɒlɪʤ] |
| Хонандагон ба мактаб барвақт меоянд. | Ученики приходят рано в школу. | Pupils come to school early. | [pjuːplz kʌm tuː skuːl ˈɜːlɪ] |
| Муаллим дар назди тахтаи синф аст. | Учитель стоит у доски. | The teacher is at the board. | [ðə ˈtiːʧə ɪz æt ðə bɔːd] |
| Муаллим ба хонанда савол медиҳад. | Учитель задает ученице вопрос. | The teacher asks the schoolgirl a question. | [ðə ˈtiːʧə asks ðə ˈskuːlgɜːl ə kwesʧən] |
| Ӯ ба саволи муаллим ҷавоб мегардонад. | Она отвечает на вопрос учителя. | She answers the teacher’s question. | [ʃiː ˈɑːnsəz ðə ˈtiːʧə’z ˈkwesʧən] |
| Ин талаба доно аст. | Этот ученик умный. | This schoolboy is clever. | [ðɪs ˈskuːlbɔɪ ɪz ˈklevə] |
| Ӯ ба забони англисӣ хуб гап мезанад. | Он говорит хорошо на английском языке. | He speaks English well. | [hiː ˈspiːks ˈɪŋglɪʃ wel.] |

*(Давом дорад)*

**Дар шаҳри Истаравшан маҷмааи бисёрсоҳаи «Шоҳроҳи абрешим» мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.**

*Хушбахтӣ чун тандурустист; вақте аз он меандешӣ, ки дигар аз даст додаӣ.*
*Иван Тургенев*



ДАСТУР

# ФАРМОИШИ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 23.01.2025, №110, ш. Душанбе

## Оид ба анҷоми соли таҳсили 2024-2025, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади ташкил ва баргузор намудани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар анҷоми соли таҳсили 2024-2025 дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 69 Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2016, №237) ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Машғулиятҳои таълимӣ дар синфҳои 2-11 (12) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 31 майи соли 2025 ва дар синфҳои 1 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 25 майи соли 2025 новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ба анҷом расонида шавад.

2. Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидани хонандагони синфҳои 4-8 ва 10 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ба истиснои мактаб-интернатҳо барои нобиноён (рӯзона), синфҳои 5-8 ва 10-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ба истисноии муассисаҳои таълимии калонсолон ва наврасони нобино ва сустбин (ғоибона) аз 2 июн то 10 июни соли 2025, инчунин, аттестатсияи хатми хонандагони синфи 9 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (рӯзона ва ғоибона) аз 2 то 16 июни соли 2025 ва аттестатсияи хатми хонандагони синфҳои 11 (12) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (рӯзона ва ғоибона) аз 2 то 20 июни соли 2025 тибқи замимаҳои 1, 2, 3, 4, 5 ва 6 гузаронида шавад.

3. Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидани хонандагони синфҳои 4-8 ва 10 (ба истисноии саволномаҳои тестӣ барои хонандагони синфи 10) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти онҳо (ба истисноии синфҳои таълимашон бо забони хориҷӣ (англисӣ)-и муассисаҳои таълимии дар банди 8 овардашуда) дар асоси маводи пешниҳоднамудаи раёсат ва шуъбаву бахшҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шавад.

4. Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм барои литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи генерал-майор М. Д. Тошмуҳаммадов ва Муассисаи давлатии гимназияи ҳарбии Кӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ворисони Куруши Кабир» аз 2 июн то 20 июни соли 2025 муқаррар гардида, бо назардошти хусусияти таълимӣ - ҳарбӣ доштан иҷозат дода мешавад, ки бо қарори Шурои педагогӣ иловатан аттестатсияи тахассусӣ (то 2 фан) ворид намоянд.

5. Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм барои кӯдакони бемор ва дорои имкониятҳои маҳдуд, ки дар хона таълим мегиранд, тибқи муқаррароти мавҷуда вобаста ба намуди беморӣ ва дараҷаи дарсазхудкунии онҳо дар мувофиқа бо раёсат ва шуъбаҳои маориф гузаронида шавад.

6. Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм барои кӯдакони бемор ва имконияташон маҳдуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии барои онҳо пешбинишуда таҳсил менамоянд, дар асоси маводи таҳиянамудаи муассисаи таълимӣ, дар мувофиқа бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шавад.

7. Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар синфҳои таълимашон бо забони хориҷӣ (англисӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти онҳо (ба истисноии муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумии Россия-Тоҷикистон) тибқи муҳлатҳои муқаррарнамудаи фармоиши мазкур дар асоси маводи пешниҳоднамудаи ин муассисаҳо баъд аз мувофиқа бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шавад.

8. Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан аз фанни «Географияи Тоҷикистон» дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумии Россия-Тоҷикистон дар асоси маводи таҳия намудаи онҳо баъди мувофиқа бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аттестатсияи хатм аз фанҳои «Забони давлатӣ» ва «Таърихи халқи тоҷик» дар муассисаҳои мазкур дар асоси маводи пешниҳоднамудаи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шавад.

9. Аттестатсияи хатми хонандагони синфҳои 11 (12) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ барои довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нукра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нукра дар ҳудуди муассисаи таълимие, ки довталаб дар он таҳсил мекунад, гузаронида шуда, натиҷаи он барои ташхис ба раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар муҳлатҳои муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда шавад.

10. Муассисаҳои таълимии дорои мақоми ҷумҳуриявидошта натиҷаи аттестатсияи довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нукра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нукраро дар муассисаи таълимие, ки довталаб таҳсил мекунад, карда, барои ташхис бевосита ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд.

11. Директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ш. Каримзода) уҳдадор карда шавад:

- намунаи маводи аттестатсия (корҳои хаттӣ, саволномаҳои шифоҳӣ ва тест)-ро барои хатмкунандагони синфҳои 9, 11 ва саволномаҳои тестиро барои хонандагони синфи 10 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва синфҳои 9, 12 муассисаҳои таҳсилоти ғоибона сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати омодагӣ ба аттестатсия то 10 апрели соли 2025 таҳия намуда, тибқи дархост ба раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, литсей ва мактабҳои президентӣ, литсейҳои ҷумҳуриявӣ барои хонандагони болаёқат, мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ ва муассисаҳои таълимии хусусӣ дастрас намояд;

- дар ҳамкорӣ бо раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ рафти омодагӣ ва баргузории аттестатсияҳои аз синф ба синф гузаронидан ва хатмро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ мавриди санҷиш қарор дода, аз натиҷааш ба маҷлиси назоратии назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи июли соли 2025 маълумотнома манзур намояд.

12. Сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ уҳдадор карда шаванд:

- ҷадвали аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумиро тибқи муқаррароти Дастурамали аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби аттестатсияи хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда, муҳлати гузаронидани аттестатсияи такрориро дар моҳи августи соли 2025 муайян намоянд;

- ҳуҷҷатҳои довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нукра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нукраро тибқи талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нукра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нукра ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии махсус (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2014, №215) ва Тартиби бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нукра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нукра мукофотонидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.06.2019, №7/20) ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд;

- аз натиҷаи ҷамъбасти аттестатсия ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон то 10 июли соли 2025 ҳисоботи муфассал манзур намоянд.

13. Директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ уҳдадор карда шаванд:

- маводи иловагии аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатмро тибқи муқаррароти Дастурамали аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби аттестатсияи хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва нигоҳдорӣ намоянд;

- масъулияти махфӣ нигоҳ доштани нусха (вариант)-ҳои асосӣ ва захиравии корҳои хаттӣ, саволномаҳои шифоҳӣ ва тестиро барои хатмкунандагони синфҳои 9, 11 (12) ва хонандагони синфи 10 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (аз ҷумла, ба равияҳои таълимӣ ва равияҳои соҳавии он)-ро таъмин намоянд;

- ба муассисаҳои таълимие, ки 3 ва зиёда аз 3 синфи мувозӣ (параллелӣ) доранд, иҷозат дода мешавад, ки муҳлати аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидани дар асоси қарори Шурои педагогӣ то 3 рӯз тамдид намоянд.

14. Сармуҳаррири нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» (Э. Сафарзода) вазифадор карда шавад, ки фармоиши мазкурро дар рӯзномаи «Омӯзгор» ба табъ расонад.

15. Сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ (Ш. Асомиддинзода) дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намояд.

16. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода гузошта шавад.

**Асос:** Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастурамали аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби аттестатсияи хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Вазир Раҳим Саидзода**

### Замимаи 1 ба фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 23.01.2025, №110

**Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан дар синфҳои 4-8 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (таҳсили рӯзона)**

Синфи 4: Забони модарӣ (диктант)
Математика (хаттӣ)
Синфи 5: Забони модарӣ (шифоҳӣ)
Математика (хаттӣ)
Синфи 6: Забони модарӣ (шифоҳӣ)
Математика (хаттӣ)
Синфи 7: **(равияи умумӣ)**
Забони русӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, забони давлатӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ
Биология (шифоҳӣ)
**Равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ**
Забони модарӣ (нақли хаттӣ)
Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ)
**Равияи табиӣ-математикӣ**
Алгебра (хаттӣ)
Биология (шифоҳӣ)
**Равияи технологӣ**
Алгебра (хаттӣ)
Технологияи иттилоотӣ (шифоҳӣ)
Синфи 8: **(равияи умумӣ)**
Забони модарӣ (нақли хаттӣ)
География (шифоҳӣ)
**Равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ**
Забони модарӣ (нақли хаттӣ)
Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ)
**Равияи табиӣ-математикӣ**
Алгебра (хаттӣ)
География (шифоҳӣ)
**Равияи технологӣ**
Алгебра (хаттӣ)
Технологияи иттилоотӣ (шифоҳӣ)

### Замимаи 2 ба фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 23.01.2025, №110

**Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан дар синфҳои 5-8 муассисаҳои таҳсилоти умумии ғоибона**

Синфи 5: Забони модарӣ (шифоҳӣ)
Математика (хаттӣ)
Синфи 6: Забони модарӣ (диктант)
Математика (шифоҳӣ)
Синфи 7: Забони русӣ (диктант)
Биология (шифоҳӣ)
Синфи 8: Забони модарӣ (нақли хаттӣ)
География (шифоҳӣ)

### Замимаи 3 ба фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 23.01.2025, №110

**Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан дар синфҳои 10 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Равияи умумӣ**

1. Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 2 июн
2. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 5 июн
3 Адабиёт (эссе) – санаи баргузорӣ – 9 июн

**Равияи ҷамъиятӣ- гуманитарӣ ва зерравияҳои он**

1. Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 2 июн

7 феврал дар ДМТ дар мавзуи «Нақши Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ» ҳамоиш баргузор гардид.

## ДАСТУР

2. Алгебра (хаттӣ – санаи баргузорӣ – 5 июн
3 Адабиёт (эссе) – санаи баргузорӣ – 9 июн

**Равияи табиӣ-математикӣ ва зерравияҳои он**

1. Биология (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 2 июн
2. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 5 июн
3. Химия (тест) – санаи баргузорӣ – 9 июн

**Равияи технологӣ ва зерравияҳои он**

1. Технологияи иттилоотӣ (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 2 июн
2. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 5 июн
3. Химия (тест) – санаи баргузорӣ – 9 июн

### Замимаи 4 ба фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

### аз 23.01.2025, №110

**Аттестатсияи аз синф ба синф гузарониданд дар синфҳои 10 ва 11 муассисаҳои таҳсилоти умумии ғоибона**

**синфи 10**

1. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 2 июн
2. Адабиёт (эссе) – санаи баргузорӣ – 5 июн
3. Забони русӣ (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 9 июн

**синфи 11**

1. Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 3 июн
2. Адабиёт (эссе) – санаи баргузорӣ – 5 июн
3. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 10 июн

### Замимаи 5 ба фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

### аз 23.01.2025, №110

**Аттестатсияи хатм дар синфҳои 9 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (рӯзона ва ғоибона) ва равияҳои онҳо**

**Равияи умумӣ**

1. Адабиёт (эссе) – санаи баргузорӣ – 4 июн
2. Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 6 июн
3. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 9 июн
4. Забони русӣ (шифоҳӣ) барои синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, забони давлатӣ (шифоҳӣ) барои синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ – санаи баргузорӣ – 11 июн
5. Биология (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 14 июн

**Равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ**

1. Адабиёт (эссе) – санаи баргузорӣ – 4 июн
2. Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 6 июн
3. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 9 июн
4. Забони русӣ (шифоҳӣ барои синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, забони давлатӣ (шифоҳӣ) барои синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ – санаи баргузорӣ – 11 июн
5. География (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 14 июн

**Равияи табиӣ-математикӣ**

1. Адабиёт (эссе) – санаи баргузорӣ – 4 июн
2. Физика (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 6 июн
3. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 9 июн
4. Забони русӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, забони давлатӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ – санаи баргузорӣ – 11 июн
5. Технологияи иттилоотӣ (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 14 июн

**Равияи технологӣ**

1. Адабиёт (эссе) – санаи баргузорӣ – 4 июн
2. Физика (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 6 июн
3. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 9 июн
4. Забони русӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, забони давлатӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ – санаи баргузорӣ – 11 июн
5. Технологияи иттилоотӣ (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 14 июн

**Синфи 9 (таҳсилоти ғоибона)**

1. Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 4 июн
2. Адабиёт (эссе) – санаи баргузорӣ – 6 июн
3. Физика (шифоҳӣ) – санаи баргузорӣ – 9 июн
4. Алгебра (хаттӣ) – санаи баргузорӣ – 11 июн
5. Забони русӣ (диктант) – санаи баргузорӣ – 14 июн

### Замимаи 6 ба фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

### аз 23.01.2025, №110

**Аттестатсияи хатм дар синфҳои 11 муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона ва 12 (ғоибона)**

**Равияи умумӣ**

1. Алгебра (хаттӣ) – 3 июн
2. Адабиёт (эссе) – 7 июн
3. Забони хориҷӣ (шифоҳӣ) – 10 июн
4. Физика (шифоҳӣ) – 13 июн
5. Химия (тест) – 17 июн
6. Ҳуқуқи инсон (тест) – 20 июн

**Равияи ҷамъиятӣ- гуманитарӣ ва зерравияҳои он**

1. Алгебра (хаттӣ) – 3 июн
2. Адабиёт (эссе) – 6 июн
3. Забони хориҷӣ (шифоҳӣ) – 10 июн
4. Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ) – 13 июн
5. Забони русӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, забони давлатӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ-– 17 июн
6. Ҳуқуқи инсон (тест) – 20 июн

**Равияи табиӣ- математикӣ ва зерравияҳои он**

1. Алгебра (хаттӣ) – 3 июн
2. Адабиёт (эссе) – 6 июн
3. Забони хориҷӣ (шифоҳӣ) – 10 июн
4. Физика (шифоҳӣ) – 13 июн
5. Химия (тест) – 17 июн
6. Технологияи иттилоотӣ (шифоҳӣ) – 20 июн

**Равияи технологӣ ва зерравияҳои он**

1. Алгебра (хаттӣ) – 3 июн
2. Адабиёт (эссе) – 6 июн
3. Забони русӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, забони давлатӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ – 10 июн
4. Физика (шифоҳӣ) – 13 июн
5. Химия (тест) – 17 июн
6. Технологияи иттилоотӣ (шифоҳӣ) – 20 июн

**Синфи 12 (таҳсилоти ғоибона)**

1. Адабиёт (эссе) – 3 июн
2. Забони русӣ (диктант) – 5 июн
3. Химия (тест) – 9 июн
4. Таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ) – 12 июн
5. Алгебра (хаттӣ) – 16 июн
6. Ҳуқуқи инсон (тест) – 19 июн

## МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

# МАСОИЛИ ҲАЛТАЛАБ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар баробари дигар масъалаҳо ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданд.

Маълум, ки давлатҳои пешрафтаи дунё маҳз тавассути авлавият бахшидан ба соҳаи маориф ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд. Боре дар саҳифаи интернет хондам, ки дар давлати Ҷопон як духтари мактабхон аз



маркази шаҳр дур зиндагӣ мекардааст ва поезд маҳз барои ҳамин духтарак шуда, ҳар саҳар омада, ӯро ба шаҳр мебурдааст, то ин ки аз дарс қафо намонад ва боз ҳангоми ба охир расидани дарс духтаракро гирифта, ба истгоҳи назди хонаашон мебурдааст. Ҳамин ки духтарак мактаби миёнаро хатм мекунад, ин хатсайри поездро бозмедоранд. Бубинед, танҳо барои як нафар хонанда ин қадар ғамхорӣ. Ногуфта намонад, ки тамоми муваффақиятҳои давлати Ҷопон аз афзалият бахшидан ба соҳаи маориф ба вуҷуд омадааст...

Барои мо имрӯз зарур аст, ки дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллатро сармашқи кори худ қарор дода, насли навраси дорои тафаккуру ҷаҳонбинии васеъ, ватандӯсту худогоҳ ва худшиносро тарбия карда, ба воя расонем.

Дар ин росто, омӯзгоронро пайваста як фикр бояд ором нагузорад: яъне, шогирдони онҳо ба ҷамъият дар оянда чӣ манфиате меоранд, бахту саодати худро дар чӣ хоҳанд дид, аз худ чӣ осоре боқӣ хоҳанд гузошт. Вобаста ба ин, масъулияти падару модарон низ зиёд мегардад.

Бояд иброз намуд, ки андешаҳои маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат барои ҳар як мактаббача ва рушди истеъдоди ҳар як толибилм нигаронида шудаанд. Бо ташаббусу ғамхориҳои бевоситаи Пешвои миллат мактабҳои хуштарҳу замонавӣ бо тамоми таҷҳизоту инфрасохтори зарурӣ сохта ба истифода дода шудаанд.

Сарвари давлат дар Паём (28.12.2024) супориш доданд, ки дар панҷ соли оянда бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо дарназардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд карда шаванд.

Дар баробари ин, Президенти мамлакат ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш доданд, ки дар панҷ соли оянда, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, барои дар ҳар як маҳалли аҳолинишин бунёд кардани як муассисаи таҳсилоти томактабӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамзамон, дар Паём ироа гардид, ки дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ омода кардани барномасозон аз рӯйи ихтисосҳои зарурӣ ҷиҳати рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад. Илова бар ин, Пешвои миллат вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, Комиссияи олии аттестатсионӣ, академияҳои соҳавӣ ва дигар сохторҳои марбутаро вазифадор намуданд, ки «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021 – 2030»-ро дар муддати ду моҳ таҷдиди назар карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Ман ҳамчун корманди соҳаи маориф иброз менамоям, ки барои муассисаҳои таълимӣ омӯзгорони донишманд, арзандаву дорои тафаккури пешрафтаро тайёр намудан зарур аст. Албатта, диққати зарурӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбие дода шавад, ки дар он ҷо кадрҳои омӯзгорӣ тайёр карда мешавад. Бинобар ин, пешниҳод менамоям:

▶ Омӯзгорони дорои маълумоти олӣ дар деҳот аз хидмати аскарӣ озод карда шаванд;

▶ Ба вазифаи мушовирии шуъбаҳои маориф танҳо омӯзгорони варзида ва эътирофшуда таъйин карда шаванд.

▶ Мушовирони шуъбаҳои маориф на ҳамчун санҷишгар, балки барои расонидани ёрии методӣ ба муассисаҳои таълимӣ сафарбар карда шаванд.

▶ Ба вазифаи директори муассисаи таълимӣ нафароне қабул карда шаванд, ки чанд дарси намунавӣ ташкил ва баргузор намоянд.

▶ Директорони мактабҳо дар муассисаҳои таълимӣ пайваста дарси кушод гузаронанд, то ин ки омӯзгорони ҷавон аз таҷрибаи онҳо биомӯзанд.

▶ Тамоми сардорони раёсату шуъбаҳои маориф ва директорони мактабҳо тибқи мӯҳлати муқарраршуда аз аттестатсия ба тарзи ҷиддӣ гузаронида шаванд.

▶ Дар кафедраҳои методикаи таълими мактабҳои олӣ омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба кор ҷалб гардида, дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ филиали кафедраҳои методикаи таълим таъсис дода шаванд.

▶ Ба таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён соатҳои зиёд ҷудо карда шавад. Донишҷӯён аз курси дуюм ба таҷрибаомӯзии педагогӣ ҷалб карда шаванд ва пайваста бо мактаб робита дошта бошанд.

***Файз ГУЛМАДОВ,***
***доктори илмҳои педагогӣ***

**Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон бо 19 муассисаи таҳсилоти олии хориҷӣ ҳамкорӣ дорад.**

*Рӯзи рафтаро на ба он чи дурудӣ, балки ба он чи коридӣ, ҳукм кун.* *Роберт Стивенсон*



**МУҲОВАРА**



*Суҳбати мо бо доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, узви Шурои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Шурои ҷамъиятии ИДМ оид ба таълими забони русӣ, устод Саъдуллоҷон Неъматов дар партави дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 2024) баргузор гардид.*

*С. Неъматов муаллифи барнома ва китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» барои мактабҳои русӣ (синфҳои 2, 3-4, 5-6, 7-8, 9, солҳои 1984-1992), «Китоб барои муаллим» (1992), ҳаммуаллифи китоби «Забони русӣ» барои синфи 2-и мактабҳои таҳсилашон ба забони русӣ (2024, Москва: «Просвещение»), «Русский язык» барои синфи 4-и мактабҳои таҳсилашон ба забони тоҷикӣ (2024, Москва: «Просвещение»), китоби дарсии «Типологияи муқоисавӣ» (2025) барои донишҷӯёни факултети филологияи руси мактабҳои олии ҷумҳурӣ, муаллифи «Консепсияи гуногунфарҳангӣ ва бисёрзабонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2015), муаллифи зиёда аз 180 мақола ва гузориши илмӣ мебошад. Таҳти роҳбарии ӯ 30 нафар рисолаи номзадӣ ва 2 нафар рисолаи докторӣ ҳимоя кардаанд.*

# МУНОСИБАТИ ДИЛСӮЗОНА БА ТАЪЛИМ ОМИЛИ ПЕШРАВИСТ

**- Муаллими муҳтарам, мехостем мушоҳидаҳои шумо вобаста ба инъикоси вазъи маорифи ҷумҳурӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (28 декабри соли 2024) оғозбахши суҳбатамон бошад.**

- Паёмҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри рушду пешрафти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мактабу маориф, баланд бардоштани сифати таълим, омӯзиши забони модарӣ ва забонҳои хориҷӣ аҳамияти бузург дошта, донишмандони соҳа, муҳаққиқон, омӯзгорон, методистон ва тамоми кормандони зинаҳои гуногуни таҳсилотро ба ҷустуҷӯ ва бозёфти тарзу шеваҳои самараноки таҳсил раҳнамун месозанд. Ислоҳот, таҷдиди мазмун ва мундариҷаи таҳсилот дар ҷумҳурӣ ба баланд гардидани мақоми мактаб ҳамчун омили муҳимми гуманитарикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва ташаккули шахсияти насли наврас такони ҷиддӣ хоҳад гузошт. Дар ин росто, ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба рушди соҳаи маориф, зарурати такмили пажуҳишу тадқиқот дар самти мазкур, методология ва стратегияи иҷтимоӣ-фарҳангии таҳсилот дар маркази диққати аҳли илму маориф қарор мегирад. Зарурати таҳқиқ, коркарди методология ва стратегияи азнавсозии иҷтимоӣ-фарҳангии таҳсилотро чун татбиқи идеологияи умумимиллӣ ва сиёсати таҳсилот бояд шуморид, ки он ба воридшавии насли наврас ба фазои фарҳангӣ-иҷтимоии кишвар мусоидат мекунад.

**- Назари шумо дар хусуси сифати китобҳои дарсӣ чӣ гуна аст?**

- Дар фазои таҳсилот ду неруи бузург - омӯзгор ва хонанда тавассути манбаъ ва сарчашмаи асосӣ - китоби дарсӣ ба ҳам робитаи маънавӣ пайдо мекунанд. Нақши китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ барои вусъат бахшидан ба майлу хоҳиши шогирдон дар самти омӯзиш бебаҳс аст, зеро он ҳамчун ҷузъи муҳим ва асосии муҳтаво ва мазмуни таҳсилот, мақсаду вазифаҳои стандарт ва барномаҳои таълимро фаро мегирад. Мактаб тамоми мақсаду вазифаҳои ба уҳда доштаашро маҳз ба шарофати китоби дарсӣ ва омӯзгор амалӣ месозад.

Мусаллам аст, ки ба навиштани китоби дарсӣ муаллифони донишманд ва соҳибтаҷриба ҷалб карда мешаванд. Шахсе, ки роҳу равиш ва методикаи таълим, инчунин, талаботи фаннӣ ва педагогию дидактикии масъаларо амиқу ҳаматарафа намедонад, ба таҳияи китоби дарсӣ набояд даст занад. Мутаассифона, чанд сол пеш навиштани китоби дарсӣ аз фанни «Забони давлатӣ» барои як қатор синфҳо аз ҷониби онҳое ба иҷро расид, ки ба таълими ин фан чандон сару кор надоштанд. Таҳлили чунин китобҳои дарсӣ нодурустии интихоби матнҳо, машқҳо, сатҳи луғатомӯзӣ ва захираи луғавии хонандагонро ошкор сохт.

Афзалияти китоби дарсӣ дар он аст, ки тавассути он дар ниҳоди хонандагон малакаҳои фикр кардан, мустақилона фаъолият анҷом додан, татбиқ карда тавонистани донишҳои азхудшуда дар амал ва таҷрибаи зиндагӣ тарбия карда мешавад.

Масъулиятшинос ва дақиқкор будани муаллифи китоби дарсӣ, аз ҷониби ӯ риоя гардидани принсипҳои дидактикии таълим ба баландшавии сифати омӯзиши ин ё он фан мусоидат мекунад.



Китоби дарсӣ қуфлкушои дари илму ҳикмат аст. Он ба хонанда забондонӣ ва маҳорати нутқ карданро меомӯзонад. Аммо чаро хонандагон ва ҳатто донишҷӯёни макотиби олӣ аз китобҳои дарсӣ дуруст истифода намебаранд? Сабаби асосӣ хонда нафаҳмидани китоби дарсист. Дар китобҳои дарсӣ баъзе матнҳое ҷой дода мешаванд, ки ҳатто омӯзгор намедонад бо онҳо чӣ гуна кор барад.

Хушбахтона, як-ду соли охир ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир шуда, китобҳои дарсӣ пурра таҷдиди назар шуда истодаанд.

**- Дар фазои таҳсилот тарафдорони таълими ҳамгиро кам нестанд, вале андешаҳои аксар мухолифи якдигаранд. Андешаи шумо дар ин масъала чӣ гуна аст?**

- Ба андешаи банда, таълими ҳамгиро ба рушди тафаккури шогирдон роҳи васеъ мекушояд, зеро робитаи заиф ва беработи фанҳои таълимӣ дар масъалаи ташаккули фаҳмиши муназзами олам барои хонандагон мушкилоти ҷиддӣ ба миён меоварад. Ин масъаларо академик Файзулло Шарифзода ва ҳам бору ду бор таъкид кардааст. Чунончи, ба ақидаи эшон, парокандагии фаннӣ ногузир сабаби бесилсилагӣ ва бенизомии ҷаҳонбинии васеи мактабхон мешавад, ҳол он ки дар олами муосир ҳамгироии иттилоотӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ тамоюли бештар ва баръало пайдо кардааст. Аз ин рӯ, ҳалли ин мушкилот муносибати навро ба таълиму тарбияи мактабӣ тақозо дорад ва он, ғолибан, дар ҳалли масъалаи таълими ҳамгиро нуҳуфтааст.

Салоҳиятмандӣ бошад, дар партави таълими ҳамгиро маънои соҳиб шудан ба сифатҳои навро дорад, ки дар раванди таълим, тарбия ва омӯзиш ба даст меояд.

**- Имрӯзҳо дар адабиёти илмӣ-методӣ ва педагогӣ мазмун ва мундариҷаи таҳсилот на танҳо аз рӯйи дониш ва маълумоти нав, маҳорату малака, балки вобаста ба салоҳиятмандии хонандагон ҷараён мегирад. Мулоҳизаҳои шумо дар ин хусус.**

- Мазмуни таҳсилот маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаҳоест, ки хонандагон онро меомӯзанд, дарк мекунанд ва ба даст меоранд. Ҳамчунин, он ба фаъолияти эҷодӣ ва мустақилияти хонанда роҳ мекушояд ва муносибати ӯро ба рӯйдодҳои зиндагӣ ва олам муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки мазмуни таҳсилот унсури калидии раванди таълиму тарбия ва рушди хонанда буда, чиро омӯхтан, чӣ тавр омӯхтан, чӣ тавр ҳифз кардан, чӣ тавр амал карданро дар чаҳорчӯбаи талаботи фанни омӯзишӣ ва барномаи таълимӣ ёд медиҳад.

Айни ҳол дар ҳамаи кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон гузариш ба моделҳои нави таҳсилот бо сабаби ивазшавии низоми он ба чашм мерасад. Алъон, муносибати босалоҳият ба таълим, робитаи гуманистии омӯзгор ва хонанда, ба назар гирифтани ҳувияти хонандагон, аз ҷумла, ақаллиятҳои миллии маскуни Тоҷикистон, ки дар мактабҳои тоҷикӣ таҳсил мекунанд, ба мушоҳида мерасад.

Дар ин росто, зарурати ҳаётан муҳимми омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба миён омад, то дастрасӣ ба маводи зарур муяссар гардад. Марказҳои забономӯзӣ таъсис ёфтанд ва волидон фарзандони худро ба курсҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ сафарбар мекунанд.

Мутаассифона, дар мактабҳо омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ душворӣ ва мушкилоти худро дорад. Хусусан, набудани муҳити забонӣ мушкилоти асосӣ дар ин самт мебошад.

**- Шумо дар боло зикр кардед, ки низоми таҳсилотро бе рукни пайваста бо ҷудонашавандаи он – тарбияи насли наврас тасаввур кардан муҳол аст. Дар ин ҷода чӣ корҳои амалиро ба анҷом бояд расонд? Шояд шумо пешниҳоду таклифҳои мушаххаси худро доред?**

- Хушбахтона, бо ташаббуси Ҳукумати Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ҶТ Консепсияи нави миллии тарбия аз нав таҳия мегардад, ки дар арафаи анҷомёбист. Консепсияи миллии тарбия ҳамчун маҷмуи ғоя ва принсипҳои ташаккули шахсияти дорои арзишҳои баланди маънавӣ-ахлоқӣ, эхсоси худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи ҳисси баланди ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, хислатҳои неки инсонӣ, меҳнатдӯстӣ, зебоишиносӣ, риояи қонун, ҳуқуқ, масъулиятшиносӣ, рушди қобилияти эҷодӣ ва эҷодкорӣ маҳсуб ёфта, дар заминаи сиёсати Давлат ва Ҳукумат тарбияи кулли шаҳрвандони Тоҷикистон, махсусан, насли наврас ва ҷавонони равшан ва мушаххас месозад.

Бояд зикр кард, ки соҳаи маориф ва низоми таҳсилот ҳамчун соҳаи бомаром ва муратаби донишандӯзӣ, вусъати малакаю маҳорат дар ташаккули афкори ахлоқӣ-маънавии насли наврас бобати рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат мақоми хос дорад.

Воқеан, нахуст дар самти коркарди технологияҳои навини таълим, тарбия ва рушди зеҳнӣ-маърифатии насли наврас аз имконоти робита бо ҳамкорони рушд пурмаҳсул истифода бояд кард. Маблағҳои ҷудошуда барои дарёфт ва корбурди оқилона дар самти баланд бардоштани сифати таълим, тарбия ва рушди мактабу маориф бояд масраф гарданд.

Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ робитаи қавии мактабҳои пешқадамро бо мактабҳои олӣ дар самти тайёр кардани хонандагони боистеъдод барои идомаи таҳсил баъди хатми мактаб тавассути ҳамкории боварибахш ва дурнамо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додан аз фоида холӣ нест. Чунин ташаббус ва ғоя аз чанд ҷиҳат ба манфиати кор хоҳад шуд.

Дар мактабҳо мониторинг ва арзёбии ҳамаҷонибаи комёбӣ ва пешрафти хонандагон, қобилият ва салоҳиятмандии онҳо ба роҳ монда шавад. Ин амал, махсусан, дар синфҳои болоӣ ба аҳаммияти калон молик аст ва дар роҳи интихоби касб ба хатмкунандагони мактаб ва волидон мадади калон мерасонад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф ташкили муназзами таҳсилоти инклюзивӣ - муҳити бемамониати мактабӣ барои наврасони имконоти маҳдудошта ба маъюб мебошад. Шояд онро «Муҳити таҳсилоти дастрас» номгузорӣ кард. Бигзор, шиори «Таҳсилот барои ҳама» амал кунад ва ба донишандӯзии кӯдакони имконияти маҳдудошта бештар мусоидат намояд.

*Мусоҳиб Шодӣ РАҶАБЗОД, «Омӯзгор»*

МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ҳамеша масъалаҳои вобаста ба қонунмеҳварии ҷомеа ва маърифати ҳуқуқӣ моҳияти хоси мантиқӣ доштанд. Аз ҷумла, дар Паём бозгӯйи 30 соли комёбиву муваффақиятҳои ҳамватанони мо арзёбӣ гардид: «Соли ҷорӣ мардуми шарафманди Тоҷикистон 30-юмин солгарди қабули нахустин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли худро бо ифтихору шукргузорӣ аз соҳибватаниву соҳибдавлатӣ таҷлил намуданд».

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлат масъалаҳои ҳуқуқӣ ва қонунмандии ҷомеаи демократӣ дар мадди назар қарор дорад ва ҷойи инкор нест, ки маҳз ин низому тартиботи ҳуқуқӣ халқи тоҷикро ба фазои сулҳу ваҳдати осудагӣ расонидааст. Дар ҳақиқат, заминаи асосӣ ва кафили пешрафти ҷомеаи мо амалкарди ҳокимияти қонун мебошад, ки дар асоси он мо тавонистем, аз бӯҳрони ноороми ҳову ихтилофҳои ҷанги шаҳрвандӣ раҳо ёбем. Шарафу ифтихор аст, ки Тоҷикистон тавонист барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати бунёдкору сулҳпарвар ва қонунмеҳвар муаррифӣ гардад.

Дар соли сипаришуда барои мардуми шарифи Тоҷикистон ду падидаи муҳим вуҷуд дошт: 30-юмин солгарди қабули нахустин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли маърифати ҳуқуқӣ.

Ин ду омил барои боз ҳам пойдор гаштани устувории Истиқлоли давлатӣ ва иттиҳоду ваҳдати созандагиҳо хеле муҳим буданд. Боиси ифтихору қаноатмандист, ки маърифати ҳуқуқии ҷомеа бо дарназардошти сиёсати муваффақонаи Давлату Ҳукумат тарафт боло рафта, Тоҷикистон бо мавқеи мусбату инсондӯстонаи худ дар минтақа ва ҷаҳон боз ҳам маъруфу шинохта гардидааст. Баланд гардидани маърифати ҳуқуқии ҷомеа, пеш аз ҳама, ба эҳтироми муқаддасоти миллӣ – Конститутсия робита дорад. Ин муқаддасот ҳама заминаҳои ҳуқуқии бунёди ҷомеаи демократиро ба вуҷуд оварда, рушду ташаккули минбаъдаи онро низ таъмин кардааст. Вобаста ба ин, дар Паём чунин зикр гардид: «Конститутсия ҳамчун санади тақдирсози давлати тоҷикон заминаи ҳуқуқии давлатдории мустақил, соҳибихтиёрии миллӣ ва рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишварро фароҳам овардааст».

Масъалаҳои ҳуқуқӣ ба ҳама бандҳои Паём робитаи мантиқӣ дошта, ҳамбастагии он ба рушду тавсеаи мусбати ҳар як соҳа хуб падидор мегардад. Масалан, маърифати ҳуқуқии ҷомеа қабл аз ҳама, ба тарбияву таълими судманди насли ҷавону наврас вобастагӣ дорад, ки ин ҷиҳат хеҷ гоҳ аз доираи таваҷҷуҳи Сарвари кишвар дур намебошад. Таълиму тарбия бояд тавъам бошанд ва робитаи оилаву мактаб муҷиби он аст, ки наврасону ҷавонон дар руҳияи қонунписандӣ ба камол расанд. Саҳлангорӣ нисбат ба таълиму тарбияи ин қишри осебпазир, дар ҳақиқат, сабаби ба ҷиноятқориву қонуншиканиҳо рӯ овардани онҳо мегардад: «...то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд».

Таҷрибаи ҷаҳони муосир дар самти сиёсатҳои таҳмилӣ нишон медиҳад, ки доираи ҷавонон бештар гирифтори ҷиноятқориҳову хиёнаткориҳо мегарданд. Танҳо дар сангари донишу ҷаҳонбиниҳои қавӣ қарор гирифтани ҷавонон сабаб мешавад, ки онҳо аз ҳама хавфу хатарҳои сиёсатҳои ғаразнок эмин боқӣ монанд. Дар ин ҷода мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ доманаи васеъ дошта метавонад. Мутолиаи пайвастаи китоб, донишандӯзии доимӣ, андармон будан ба амалҳои савоб, вақти бештарро дар таълимгоҳ сипарӣ кардан, камтар истифода кардан аз саҳифаҳову сомонаҳои интернетӣ ва амсоли инҳо чузъиёте мебошанд, ки ба маърифати ҳуқуқии онҳо таъсири мусбат мерасонанд. Донишҳо ва ҷаҳонбиниҳои васеъ боис мешаванд, ки онҳо зери сипари боэътимод қарор дошта бошанд ва дур аз хурофоту ҷаҳолат қарор гиранд. Ин масъала дар Паём таъкид шуд: «...ҷаҳони пуртазоду ноороми муосир ҷавонони кишварро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошанд, худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ доранд, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошанд. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба ҷомеа танҳо бадбахтӣ меоварад».

Аз ҷониби дигар, ҳар як шаҳрванди кишвари мо дар асоси маърифату ҷаҳонбинии васеъ метавонад, ки дар хориҷи кишвар низ худро ҳимоят намояд. Тавре Пешвои миллат таъкид намуданд, ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо вазифаи афзалиятноки давлатӣ мебошанд: «...масъалаҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу озодӣ, шаъну шараф ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат мебошанд». Дар баробари ин, донишҳо ва маърифати ҳуқуқӣ омилҳое ҳастанд, ки барои ҳама баробар дахл дорад. Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва сиёсати дарҳои боз имрӯз ҳама имконот барои кору фаъолияту таҳсил дар ҳама кишварҳои ҷаҳон барои мо фароҳам омадааст. Дар ин самт беҳтарин ҷиҳате, ки моро метавонад ҳимоят намояд, маърифати ҳуқуқӣ мебошад. Яъне, амалӣ кардани ҳама таъкидҳои Паём вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқӣ дар навбати аввал истиқлолу озодиҳои шаҳрвандони моро дар дохилу хориҷи кишвар ба вуҷуд оварда, пешравию шукуфоии Ватани азизамонро таъмин менамоянд.

# ТОҶИКИСТОН – КИШВАРИ ҚОНУНМЕҲВАР




*Фахриддин ҚУТБИДДИНЗОДА,*
*иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Файзобод*

РИЁЗӢ

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

***(Идома аз шумораҳои гузашта)***

**Машғулияти панҷум (синфҳои 5-7)**

110. Қавсҳоро бо тарзҳои гуногун гузошта, натиҷаҳои хурдтарин ва калонтаринро ба даст оред: 60+40:4-2.

111. Панирро (Ба расм нигаред) ба 8 қисми баробар бурида, ҷудо кунед.



112. Мисоли **+*=197-ро барқарор кунед.

113. 4 қалам ва 3 дафтар 54 дирам мешавад, 2 қалам ва 2 дафтар 54 дирам мешавад. 8 қалам ва 7 дафтар чанд дирам мешавад?

114. Фигураро (Ба расм нигаред) ба чор қисми якхела тақсим кунед.



115. Се зарфи ғунҷоишаш 20 литр бо об пур карда шудааст. Зарфи якум 11 л, зарфи дуюм 7 л ва зарфи сеюм 6 л об дорад. Агар ба зарф рехтани фақат он миқдори об, ки он дошт, иҷозат дода шавад, чӣ хел обро ба зарфҳо баробар рехтан мумкин аст?

116. Маҳина ададеро фикр карда, ба он 1-ро ҷамъ карда, ҳосили ҷамъро ба 2 зарб зад. Пас аз он 4-ро тарҳ кард. Дар натиҷа 6 ҳосил шуд. Маҳина кадом ададро фикр карда буд?

117. Анора ба зинапоя аз ошёнаи панҷум фуромада, 100 зина ҳисоб кард. Ӯ аз ошёнаи дуюм мефуромад, чанд зина ҳисоб мекард?

118. 9 кг галла ва тарозуи палладор бо сангҳои 50 гр ва 200 гр мавҷуд аст. Чӣ хел бо се баркашӣ 2 кг ғалларо баркашидан мумкин аст?

119. Дар кӯл лилия (гул)-и сеҳрнок месабзад. Андозаҳои он ҳар рӯз ду маротиба меафзояд. Агар чунин якто лилия дар кӯл шинонида шавад, пас аз 20 рӯз кӯл пур аз гул мешавад. Агар чор гул шинонида шавад, кӯл пас аз чанд рӯз пур мешавад?

**Ҳалли масъалаҳо ва нишондоди онҳо**

110. Хурдтаринаш 23, калонтаринаш 80 аст. Қавсҳо барои ивазкунии тартиби амалҳо лозиманд:
1) «+ : -», он гоҳ (60+40):4-2=23;
2) «+ : -», он гоҳ (60+40):(4-2)=50;
3) «: + -», он гоҳ 60+40:4-2=68;
4) «: - +», он гоҳ 60+(40:4-2)=68;
5) «- : +», он гоҳ 60+40:(4-2).

Тартиби амалҳои «- + :» ғайриимкон аст. **111.** Ба расм нигаред. **112.** 99+98=197. Суммаи ду адад аз 200 ба 3 хурдтар аст. Азбаски ададҳо гуногун мебошанд, бинобар ин, 99 ва 98 мешавад.



**113.** 204 дирам. Қайд мекунем, ки 4 дона қалам ва 3 дона дафтар 96 дирам аст. 4 қалам ва 4 дафтар 108 дирам мебошад. **114.** Ба расм нигоҳ кунед.



**115.** Дар ибтидо дар зарфҳо 11 л+14 л+6 л, пас аз он 4 л+14 л+6 л (аз зарфи якум ба дуюм рехтанд): пас аз ин 8 л+14 л+2 л (аз зарфи сеюм ба зарфи якум); пас аз ин 8 л+12 л+4 л (аз зарфи дуюм ба сеюм) ва ниҳоят 8 л+8 л+8 л (аз ду ба сеюм) буд. **116.** 14. Аз «ҷавоб» ҳаракат мекунем: 1) Аз кадом адад 4-ро тарҳ кардан лозим аст, ки 6 ҳосил шавад? 2) Кадом ададро ба 3 тақсим кардан лозим аст, ки 10 ҳосил шавад? 3) Кадом ададро ба 2 ҷамъ кардан лозим аст, ки 30 ҳосил шавад? 4) Ба кадом адад 1-ро ҷамъ кардан зарур аст, ки 15 ҳосил шавад? Ё мухтасар (4+6)·3:2=14. **117.** 25 зинапоя. Расмро кашед. Вақте ки Анора дар ошёнаи панҷум қарор дорад, амалан ӯ дар боми ошёнаи чорум мебошад, вақте ки ӯ дар ошёнаи дуюм аст, амалан дар боми ошёнаи якум меистад. Ҳамин тариқ, аз ошёнаи панҷум назар ба ошёнаи дуюм 4 маротиба аз боло афтидан зарур аст. **118.** Бо ёрии амали тақсим ба ним дар ду маротиба баркашидан 2 кг 250 гр баркашида мегирем. Бо ёрии сангҳои 50 ва 200 грамма 250 грамми зиёдатиро гирифта мепартоем. **119.** Дар 18 рӯз. Агар як гулро дар ҳавз шинонем, пас аз ду рӯз 4 гул шуда, пас аз 18 рӯз гулҳо ҳавзро пур мекунанд.

*Мамадҷон МАҲКАМОВ,*
*профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ*

***Он рӯз ё он лаҳзае, ки ягон чизи наверо азхуд накардӣ, ба дониши хеш чизеро зам нанамудӣ, ин бадбахтист.***



**ЯН АМОС КОМЕНСКИЙ,**
*маорифпарвари чех, нависанда*

**Соли 2024 аз Тоҷикистон ба 57 мамлакати хориҷи дуру наздик молу маҳсулот содирот шудааст.**

ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ

# СОХТАНИ ГРАФИКИ ФУНКСИЯИ КВАДРАТӢ

Имрӯз раванди баррасӣ ва таҳқиқи масъалаи истифодаи компютер дар ҷараёни таълим дар марҳалаи нахустин қарор дорад.

Аввалин бор кӯшиши омӯзиши асосҳои психологию педагогии тартиб додани маҷмуи масъалаҳои таълимӣ барои истифодаи компютер дар ҷараёни омӯзиши математика дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ амалӣ гардид.

Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарорро бояд ҳар як шахс донад. Саводнокии компютерӣ аз нуқтаи назари психологӣ ташаккулёбии фаъолияти муайянро дар назар дорад. Истифодаи компютер самаранокии раванди таълимро баланд бардошта метавонад. Яке аз бартариҳои компютер дар таълим, истифодаи он ҳамчун воситаи идоракунии фаъолияти таълимии хонандагон мебошад. Инро мо дар мисоли истифодаи компютер дар сохтани графики функсияи квадратӣ тавзеҳ мебахшем.

**Таъриф.** Функсияе, ки бо формулаи намуди $y=ax^2+bx+c$ ифода карда мешавад, функсияи квадратӣ номида мешавад (дар ин ҷо x-тағийирёбандаи новобаста, a,b ва c- ададҳо ва a≠0).

Графики функсияи квадратии $y=ax^2+bx+c$-ро парабола меноманд. Баъзан зери мафҳуми парабола худи функсияи квадратиро дар назар доранд.

Барои сохтани графики функсия лоиҳаро дар забони барномарезии Visual Basic месозем.




Коди барнома

```
Private Sub Command1_Click()
P.Cls
Dim a, b, c, x1, x2, d, p1, p2, y1, y2 As Single
a = Val(Text1.Text)
b = Val(Text2.Text)
c = Val(Text3.Text)
p1 = Val(Text4.Text)
p2 = Val(Text5.Text)
y1 = Val(Text6.Text)
y2 = Val(Text7.Text)
'kooordinata
P.Scale (p1 - 1, y1 + 1)-(p2 + 1, y2 - 1)
P.DrawWidth = 3
Dim x, y, k As Single
'grafik
For x = p1 To p2 Step 0.05
y = a * x ^ 2 + b * x + c
P.PSet (x, y), vbBlue
Next x
'koordinatai x
P.DrawWidth = 2
P.Line (p1, 0)-(p2, 0), vbBlack
For x = p1 To p2
P.Line (x, 0.3)-(x, -0.3), vbRed
P.Print x
Next x
'koordinatai y
P.DrawWidth = 2
P.Line (0, y1)-(0, y2), vbBlack
For k = y1 To y2 Step -1
P.Line (-0.2, k)-(0.2, k), vbRed
P.Print k
Next k
End Sub
Private Sub Command2_Click()
Dim a, b, c, x1, x2, d, qasr As Single
a = Val(Text1.Text)
b = Val(Text2.Text)
c = Val(Text3.Text)
If a < 0 Then Label16.Caption = "max дорад (" & -b / (2 * a) & "; " & -(b ^ 2 - 4 * a * c) / (4 * a) & ")" Else Label16.Caption = "max НАДОРАД"
If a > 0 Then Label15.Caption = "min дорад (" & -b / (2 * a) & "; " & -(b ^ 2 - 4 * a * c) / (4 * a) & ")" Else Label15.Caption = "min НАДОРАД"
Label13.Caption = "x=" & -b / (2 * a) & " ; y= " & -(b ^ 2 - 4 * a * c) / (4 * a) & " аст."
If a > 0 Then Label14.Caption = "шоха ба БОЛО" Else Label14.Caption = "шоха ба ПОЁН"
d = b ^ 2 - 4 * a * c
If d < 0 Then
GoTo 10
Else
x1 = (-b + Sqr(d)) / (2 * a)
x2 = (-b - Sqr(d)) / (2 * a)
Label17.Caption = "x1=" & x1 & ";    x2=" & x2: GoTo 15
End If
10 Label17.Caption = "d<0 аст решаи хакики надорад"
End Sub
```

Натиҷа




**Мисолҳо**

а) $y=-7x^2+6x+1$
б) $y=-x^2+4x+8$
в) $y=x^2-3x+5$

Ҳал

а) $y=-7x^2+6x+1$




б) $y=-x^2+4x+8$




в) $y=x^2-3x+5$




Истифодаи компютер шавқи хонандагонро нисбат ба омӯзиши математика зиёд мекунад. Барномаи пешкашнамуда барои сохтани графики функсияи квадратӣ ва ҳам барои омӯхтани он ба хонандагон ва муаллимони математика кумак мерасонад.

*С. РАҶАБОВА,*
*омӯзгор*

ВАТАНДӮСТӢ

## Ҳифзи Ватан ифтихор аст

Вақте ки мо калимаи Ватанро ба забон меорем, модар пеши назар меояд. Ватан ба монанди модар яктост. Чунон ки модарро интихоб намекунанд, Ватанро низ интихоб намекунанд. Ватан барои ҳар яки мо шаъну шараф аст. Дар сарнавишти инсон Ватан нақши ҳалкунанда дорад. Вақте мо дар бораи ватандӯстӣ сухан мегӯем, нахуст аз ҳимояи он меандешем.

Воқеан, хизмат ба Ватан қарзи ҳар як шаҳрванд буда, далериву ҷасурӣ ва ҷавонмардии ҳар нафари бонангу номусро талаб мекунад. Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ боиси ифтихору сарбаландист. Бояд ҷавононро ҳанӯз аз даврони мактабхонӣ ба хизмати Ватан омода кард. Дар муассисаҳои таълимӣ зарурати хизмати ҳарбиро ба таври дақиқ бояд омӯзонд. Ҳар ҷавон пас аз хатми мактаб бояд хизмат ба Ватанро вазифаи аввалиндараҷаи худ донад.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бузургтарин дастовардҳои замони соҳибистиқлолии кишвар ба шумор рафта, омили асосии нигоҳдории давлатдории миллӣ маҳсуб меёбад. Таърихи муосири халқи тоҷик шаҳодат медиҳад, ки Артиши миллӣ дар шароити вазнини ҷанги шаҳрвандӣ таъсис ва баъдтар ба сипари боэътимоди давлат табдил ёфтааст. Дар ҳар марҳилаи таърихии инкишоф артиш комилтар ва пуриқтидортар гардидааст. Артиши миллӣ дар хотима бахшидан ба ҷанги дохилӣ ва таъмини истиқлоли воқеии Тоҷикистон нақши муҳим гузошт. Бояд ёдовар шуд, ки дар таъсиси Артиши миллӣ саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург аст. Ҳамасола ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ ҷавонони зиёде даъват гардида, дар қисмҳои ҳарбии минтақаҳои гуногуни мамлакат адои хизмат мекунанд. Дар ин муддат ҳомиёни Ватанро дар руҳияи ватандӯстӣ, мардонагиву шуҷоат, адолатмандию қавииродагӣ тарбия намуда, барои ҳифзу нигаҳдории амнияти Ватани азиз равона месозанд. Сарбозоне, ки сарҳади кишварро ҳифз мекунанд, бояд зираку ҳушёр ва бомасъулияту қавиирода бошанд, зеро онҳо амнияти марзу буми кишварро таъмин менамоянд. Сол аз сол шароит барои хизматчиёни ҳарбӣ беҳтар гардида истодааст.

Ман дар дарсҳоям хонандагонро мунтазам дар руҳияи ватандӯстӣ, меҳанпарасӣ ва инсондӯстӣ тарбия намуда, онҳоро барои дар оянда ба халқу миллати азизи хеш содиқона хидмат кардан ҳидоят мекунам.

*Фарангис ТУРСУНОВА,*
*муовини директор оид ба корҳои тарбиявии МТМУ №19-и шаҳри Хуҷанд*

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

## 14 нафар соҳиби ҷоиза гардиданд

8 феврал нишасти матбуотии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов баргузор гардид. Ректор Миралӣ Достизода иброз дошт, ки консерватория тибқи низоми кредитӣ фаъолият намуда, донишҷӯён дар зинаи бакалавр аз рӯйи 13 ихтисос ва дар зинаи магистр аз рӯйи 14 ихтисос ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли ҷорӣ консерваторияро 53 нафар хатм карданд. Аз ин шумора 29 нафаре, ки дар шакли буҷавӣ таҳсил доштанд, пурра бо ҷойи кор таъмин гардиданд. Иттилоъ дода шуд, ки дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар консерватория курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ташкил карда шуданд.

Донишҷӯёни Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ҳамасола дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро сазовор мегарданд. Соли 2024 дар Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» 23 нафар иштирок намуда, 14 нафар соҳиби ҷоиза гардиданд: 1 нафар Шоҳҷоиза, 3 нафар ҷойи якум, 6 нафар ҷойи дуюм ва 4 нафар ҷойи сеюм.

*Ирода ТИЛАБОВА,*
*«Омӯзгор»*

Соли 2024 ширкату корхонаҳои ватанӣ дар 30 намоишгоҳи байналмилалӣ дар 9 давлати дунё иштирок намуданд.

ФАЪОЛИЯТ

# Як рӯз дар «Шабнам»

Фарзона чун ҳарвақта субҳи барвақт ба кӯдакистон омад. Саҳни бино тозаву озода. Ҳаво сард буд, аммо ӯ инро эҳсос намекард, чун дар вуҷудаш оташаке аланга мезад. Ин оташи меҳр буд, ки дилашро ба кору зиндагӣ гарм нигоҳ медошт. Чашмаш ба шилшилаи парчамҳои хурди мунаққаш ва пуфакҳои ранга, ки саҳни кӯдакистонро оро додаанд, афтод. Онҳо низ гӯё дар ҳамраъйӣ бо мураббия алвонҷзанон омадани бачаҳоро интизорӣ доштанд…

Ҳамкорон ҳам як-як ҷамъ омаданд. Такудави ҳаррӯза оғоз ёфт. Мураббиёну ёрдамчиён утоқу синфхона, роҳраву долонҳоро зуд ба тартиб оварда, барои истиқболи бачаҳо ба саҳни ҳавлӣ баромаданд.

Дар они воҳид аз оромии соате пеш асаре намонд. Хандаву ғавғои бачаҳо фазоро пур кард. Волидон фарзандонро ба мураббия месупоранду шитобон бадар мераванд. Мураббияи ҷавон Фарзона ба чеҳраҳои маъсуму чашмакони кунҷкоби кӯдакон менигараду бори дигар итминон ҳосил мекунад, ки бачаҳо барояш хеле азизанд. Маҳз меҳри беандоза ба кӯдакон водораш сохта, ки ин касби пуршарафро интихоб намояд.

Фаъолияти Фарзона Исматова дар ширхоргоҳ-кӯдакистони рақами 132-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, ки бо номи «Шабнам» маъруф аст, ба ҳайси ёрдамчии мураббия оғоз ёфтааст. Баъдан кӯшишу ғайрат ба донишу малакаашро ба эътибор гирифта, ӯро ба вазифаи мураббия гузорондаанд. Аз он айём се сол сипарӣ гардид ва имрӯз Фарзона яке аз беҳтарин мураббиёни пойтахт шинохта шудаву байни кӯдакону ҳамкасбон маҳбубият пайдо намудааст.

– Кӯдак таълиму тарбияро аввал аз муҳити хона меомӯзад ва бо ҳамон фаҳмишу бардоштҳо ба кӯдакистон қадам мемонад. Аз ин хотир, бачаҳо хислату хӯи гуногун доранд. Дар рӯзҳои аввали ба муассиса омадан онҳо худро ноҳаҷат эҳсос мекунанд. Ба кӯдакон муошириату меҳрубонӣ зоҳир менамоем, оҳиста-оҳиста дар байни ҷамъият буданро меомӯзем, – бо табассум изҳор медорад Фарзона Исматова.

Ширхоргоҳ-кӯдакистони «Шабнам» соли 1975 бунёд шудааст. Тибқи нақша он барои 320 кӯдак пешбинӣ шуда бошад ҳам, айни замон дар муассиса 360 кӯдак дар 12 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Барои ҳар гурӯҳ як синфхонаи чойи машғулияту бозӣ, таомхӯрӣ, хоб ва долони алоҳида ҷудо гардидааст.

Синфхонаҳо бо рахти хоб, мизу курсӣ, бозичаҳои омӯзишиву асбобҳои аёнӣ ва китобҳо таъмин ананд. Бо сабаби пайваст набудан ба хатти ягонаи гармидиҳӣ, гурӯҳҳои дар ошёнаи якум чойгиршуда аз бухорӣ ва гурӯҳҳои ошёнаи дуюм тариқи бухориҳои барқӣ бо гармӣ таъмин мегарданд.

– Ду сол аст, ки дар муассисаи мазкур ба ҳайси мудир фаъолият мебарам. Кӯшиш дорем, камбудиҳои чойдоштаро саривақт бартараф созем, аз ҷумла, соли равон бояд кӯдакистон ба хатти ягонаи гармидиҳӣ пайваст шавад. Ҳавзи шиноварии кӯдакон, ки таъмирталаб буд, бозсозӣ гардида, дар наздӣ он боз як ҳавзи дигар сохтем. Роҳравҳои муассиса пурра таъмир шуданд.

Дар «Шабнам» ҳамкорӣ бо волидон хуб ба роҳ монда шудааст. Тибқи қарордод, мураббиён моҳе як маротиба ҷаласаи муштарак бо волидон баргузор мекунанд. Дар се моҳ як маротиба дар кӯдакистон «Рӯзи дарҳои кушод» эълон мешавад, ки хоҳишмандон имкони иштирок дар машғулиятҳоро доранд. Мураббиён ҳар субҳ ва ҳар бегоҳ бо волидон суҳбатҳои машваратӣ баргузор мекунанд.

Машғулиятҳо дар кӯдакистон мувофиқи ҷадвали шурои педагогӣ амалӣ мешаванд. Барои атфол машғулияти васеъ намудани тасаввурот дар бораи олами атроф, инкишофи нутқ, тарбияи сенсорӣ ва заминаҳои ташаккули тарбияи одитарини математикӣ, тарбияи ҷисмонӣ, расмкашӣ, мусиқӣ ва бозӣ гузаронда мешавад. Дар гурӯҳи кӯдакони калонтар ҷадвали машғулиятҳо васеътар шуда, саводомӯзӣ, шиносоӣ бо муҳит, экология, адабиёти бадеӣ, хештаншиносӣ ва омӯзиши забони русиву англисӣ илова мегардад.

Бо мақсади аз наздик ошно шудан бо ҷараёни машғулиятҳо, воқиф шудан аз сатҳи ҷаҳонбинии кӯдакон дар «Шабнам» аз гурӯҳи синну соли миёна дидан намудем. Кӯдакони гурӯҳи мавриди назар 5-сола буда, роҳбарии онро мураббияи Мадинаи Амрулло ба зимма дорад.

Дар гурӯҳи 30-нафара он рӯз 24 кӯдак ҳузур доштанд. Шаш нафар бо сабаби беморӣ ба кӯдакистон наомадаанд.

Тибқи ҷадвал, машғулияти тасаввуроти одитарини математикӣ шуруъ шуд. Мавзуъ: «Ёфтани рақами 5», мақсад: мустаҳкамкунии маҳорати тартибдиҳии рақамҳо, тақвияти тасаввурот оид ба шаклҳои геометрӣ, инкишофи афкори мантиқӣ.

Дар оғози машғулият муаллима ба кӯдакон муроҷиат намуд:

– Бачаҳои азиз! Ба меҳмонии мо шоҳ – Математика омадааст, то ки ба вай ёрӣ расонем. Ҷодугари золим – Рақамбарак яке аз рақамҳои шоҳро дуздида бурдааст. Ба ин ҷо нигаред (дар слайд), кадом рақам намерасад? Бачаҳо дар ҷавоб (бо кумаки мураббӣ) бо як овоз мегӯянд: «5». Муаллима: Шоҳ ниҳоят ғамгин шудааст, охир, «5» рақами дӯстдоштаи шумо, бачаҳо, мебошад. Сеҳргари меҳрубон Архимед, ки дар шоҳигарии Математика зиндагӣ мекунад, бо кадом роҳ баргардониданӣ рақами «5»-ро ба шоҳ маслиҳат додааст. Шоҳ танҳо худаш аз уҳдаи ин кор намебарояд. Аз ин рӯ, аз шумо, бачаҳо, ёрӣ мепурсад. Ёрӣ мерасонем? Бачаҳо: – Ёрӣ мерасонем!...



Машғулият дар гурӯҳ тариқи бозӣ хеле ҷолиби хотирмон гузаронида шуд. Дар рафти он мураббия аз маводи аёниву намоишӣ, рақамҳо ва шаклҳои геометрӣ, ҷӯбчаву бозичаҳои гуногун истифода намуд. Бачаҳо ҳам дар дарс хеле фаъол буданд.

Ҳамин тариқ, як-як дар машғулиятҳои инкишофи нутқ, саводомӯзӣ, расмкашии гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб, гурӯҳи калони томактабӣ ва дуюми хурд иштирок намудем. Дар ҳар гурӯҳ қариб 5-6 кӯдак бо сабаби сардии ҳаво, бемории зуком дар машғулиятҳо ҳузур надоштанд.

Дар ширхоргоҳ-кӯдакистони рақами 132 имрӯз 13 нафар кӯдаки дорои имконияти маҳдуд бо таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Онҳо зери назорати махсуси мураббиён, равоншиносон ва кормандӣ тиб қарор доранд.

Бо мақсади ташаккули зеҳнӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ соли сипаришуда дар кӯдакистони «Шабнам» озмунҳои «Донояк», «Ахтаракони ҳисобдон» ва «Забондонӣ – ҷаҳондонӣ» баргузор гардид.

– Даври якуми ин озмунҳо дар дохили муассиса, даврҳои дуюм дар ноҳия ва сеюм дар шаҳр гузаронида шуданд. Тарбиятгирандагони мо дар се даври иштироки фаъол доштанд. Дар озмуни «Донояк» тарбиятгирандаи мо Шоҳин Шоҳсафедзода бо роҳбарии мураббия Зуҳро Низомова, дар озмуни «Забондонӣ-ҷаҳондонӣ» Нигина Бедилова бо роҳбарии мураббия Мавзуна Мирзоева ва дар озмуни «Ахтаракони ҳисобдон» Акобир Акбаров бо роҳбарии мураббия Ҳангома Раҳматова иштирок варзида, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гаштанд, – иттилоъ дод сармураббӣ Ҷиёнбӣ Султонова.

Мутахассисони муассиса дар эҷод ва омода кардани мақолаҳои методӣ мароқу масъулияти ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Маводи методии онҳо, ки дар асоси таҷрибаи кориашон таҳия шудааст, пайваста дар матбуоти даврӣ нашр мешаванд ва барои мураббиёни ҷавон дар рафти фаъолият ҳамчун дастурамали муфид хидмат менамоянд.

*Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,*
*«Омӯзгор»*

ЧАШМАНДОЗ



# МАОРИФИ ҶАҲОН

**Покистон: забонҳои хориҷӣ омӯзонида мешавад**

Дар моддаи 25-и Конститутсияи Покистон чунин омадааст: «Давлат ба ҳамаи кӯдакони аз 5 то 16-сола таҳсилоти ройгон ва ҳатмиро дар назар гирифтааст». Маъмултарин фанҳое, ки дар муассисаҳои Покистон омӯзонида мешаванд, урду, англисӣ, риёзӣ, санъати тасвирӣ, илмҳои иҷтимоӣ ва компютерӣ мебошанд. Аксари муассисаҳои мамлакат ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар рафти таҳсил ба хонандагон забонҳои арабӣ, фаронсавӣ ва чинӣ омӯзонида мешавад.

Покистон дорои таҳсилоти олии хусусӣ ва давлатӣ мебошад, ки донишгоҳу донишкадаҳои мамлакат дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардидаанд. Донишгоҳи миллии илм ва технология, Донишгоҳи Карочӣ, Донишгоҳи муҳандисӣ ва технологӣ ва Донишгоҳи Лоҳур дар қатори 600 донишгоҳҳои беҳтарини ҷаҳон шомиланд.

**Таҳсилоти академӣ дар Эстония**

Дар Эстония шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд низ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Низоми маорифи ин мамлакат ба ибтидоӣ ва миёна тақсим намешавад ва тибқи низомнома аз синфи 1 то 9 таҳсилот ҳатмӣ аст. Баъди хатми зинаи таҳсилоти ҳатмӣ хонандагон 2 сол барои дохил шудан ба мактабҳои олии мамлакат омодагӣ мебинанд ва ин зинаро таҳсилоти академӣ ва касбӣ мегӯянд. Таҳсилоти академӣ ва касбӣ танҳо бо забони эстонӣ сурат мегирад, вале имтиҳони давлатӣ пурра бо забони русӣ мегузарад. Баъди хатми ин зина донишомӯзон метавонанд ба муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат роҳ ёбанд.

**Дарси сайёҳӣ дар Ямайка**

Дар Ямайка аксари хонандагон ҳангоми ба мактаб рафтан саводи ибтидоӣ доранд, зеро ба онҳо дар кӯдакистон хондан ва навиштанро меомӯзонанд. Хонандагони муассисаҳои миёнаи умумӣ бештар ба омӯзиши фанҳои математика, забоншиносӣ, ҷуғрофия, таърих ва компютер машғуланд. Ҳангоми хатми зинаи ибтидоӣ донишомӯзон аз ҳамаи фанҳои номбурда имтиҳон месупоранд. Бояд қайд кард, ки таҳсил дар муассисаҳои миёнаи Ямайка пурра бо забони англисӣ ба роҳ монда шудааст.

Ғайр аз ин, дар ин мамлакат Барномаи таълимӣ оид ба туризм амал мекунад ва дар ин самт китобҳои дарсии сайёҳӣ омода ва нашр гардидаанд.

**Танзания: мушкилот - надонистани забонҳои хориҷӣ**

Мактабҳои миёнаи Танзания ба ду зина тақсим шудаанд: мактаби миёнаи аввал (синфҳои 8 то 11) ва мактаби миёнаи сатҳи боло (синфҳои 12-13). Баъди хатми зинаи ибтидоӣ хонандагон таҳсилро (яъне, аз синфи 8 то 11) дар мактаби миёнаи аввал идома медиҳанд. Пас аз хатми синфи 11, хонандагон имтиҳон супурда, ба мактаби миёнаи сатҳи боло мегузаранд. Шахсоне, ки дар мактаби миёнаи сатҳи боло таҳсил накардаанд, наметавонанд ба муассисаҳои олии мамлакат дохил шаванд.

Инчунин, дар муассисаҳои миёнаи умумии мамлакат таҳсил бо забони суахилӣ буда, дар муассисаҳои олӣ бо забони англисӣ мебошад. Аксари донишомӯзон забони англисиро балад нестанд. Танҳо дар муассисаҳои хусусии Танзания таҳсил пурра бо забони англисӣ ба роҳ монда шудааст, ки бо сабаби гарон будани шартнома на ҳама ба он дастрасӣ доранд. Аз ин рӯ, барои хонандагон надонистани забони англисӣ мушкилоти аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

*Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,*
*«Омӯзгор»*

**То 1 октябри соли 2025 Лоиҳаи «Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026–2030» таҳия мегардад.**

ТОЗАНАШР

# Китоби муфид доир ба масоили муҳим




Маҷмуаи «Нақши Иҷлосияи тақдирсози миллат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ» (–Душанбе: Мехроч-Граф, 2024. – 264 с.) аз чоп баромад. Дар китоб нигоштаҳои устодону омӯзгорон ва муҳаққиқон, ки дар конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Иҷлосияи тақдирсози миллат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ» (15 ноябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид) иштирок намудаанд, гирд оварда шудааст.

Дар мақолаю матолиб хидматҳои Пешвои миллат дар таҳкими истиқлолу ваҳдати миллӣ, рушди соҳаи маориф ва баланд гардидани обрӯю нуфузи байналмилалии Тоҷикистон бозтоб ва Иҷлосияи тақдирсози миллат ҳамчун раҳкушои ҷодаи амният ва пешрафти кишвар маънидод гардидааст.

Шоистаи таъкид аст, ки дар нигоштаҳо ҳамаҷониба раванди баргузории Иҷлосияи тақдирсоз ва дар ин замина нақши Пешвои миллат дар таҳкими сулҳу субот ва Истиқлоли давлатӣ ба таври барҷаста нишон дода шудааст. Муаллифон бо такя бо асарҳои илмӣ навиштаҳояшонро такмил бахшида, раванди бомарони бунёдкориҳои кишварро инъикос кардаанд, ки аз як тараф, хонанда ба таври дақиқ маълумоти илмиро аз ҷараёни баргузории иҷлосия ба даст меорад, аз ҷониби дигар, хидматҳои Пешвои миллат дар пешрафти ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ нишон дода шудааст.

Китоб барои кормандони илмӣ, муҳаққиқон, аспирантону докторантон, омӯзгорон ва доираи васеи хонандагон муфиду судманд хоҳад буд.

***P/S.** Аз муаллифони маҷмуа, ки дар конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Иҷлосияи тақдирсози миллат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ» маърӯза намудаанд, хоҳиш карда мешавад, ки барои дастрас намудани китоби мазкур ба идораи нашрия муроҷиат намоянд.*

***Н. ОХУНЗОДА,***
*«Омӯзгор»*

# Ҳикмати «Донаи анор»




Чанде пеш дар Маркази кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе муаррифии китоби «Донаи анор» («Гранатовое зернышко») баргузор гашт. Муаллифи китоб Майя Доматти ба хонандагони хурдсол бо сабки ҷолибу дилчасп ба хеле шавқовар дар бораи мазмуну муҳтавои китоби тозанашраш ҳикоят кард ва онҳоро ба бештар китоб хондану хушгуфтору некурафтор будан даъват намуд.

Майя Доматти, аслан, ҳамватани мо буда, беш аз сӣ сол мешавад, ки дар Амрико зиндагӣ дорад. Ӯ бонуи эҷодкор аст ва ҳамчун нависандаю рӯзноманигор, тарҷумону киношинос эътироф шудааст. Бештар барои бачаҳо менависад ва ҳикоёти кӯтоҳу пурмазмуну ҳикматбораш гувоҳи онанд, ки ӯ аз оламкӯдакон ба хубӣ огаҳ аст, бо «забон»-и онҳо ва мувофиқ ба хостаҳояшон сухан гуфта метавонад.

Китоби «Донаи анор»-и Майя Доматти, ки охири соли 2023 дар шаҳри Душанбе чоп шудааст, сӣ ҳикояи хурдро фаро мегирад. Тавассути ин ҳикояҳои рангину дилнишин муаллиф хонандагони хурдсоли худро ба ватандӯстию накукорӣ, ҳунармандию маърифатпарварӣ, ҷолокию зиракӣ ва эҳтироми табиат даъват кардааст.

Майя Доматти ният дорад, ки намунаро аз осори бадеии худ ба забони тоҷикӣ баргардон ва ба доираи васеи хонандагон пешкаш намояд.

***А. МУРОДӢ,***
*«Омӯзгор»*

ТАҲҚИҚ

# Сарчашмаи адабиёти гуфторӣ ва шевашиносӣ

Олими соҳибназар ва фолклоршиноси тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Саъдӣ Маҳдиев дар ҳавзаҳои илмии кишвар ва берун аз он ҳамчун муҳаққиқи намунаҳои адабиёти гуфторӣ ва фароҳамоварандаи латифаву афсонаҳои тоҷикӣ маъруфу шинохта аст. Ҳангоми фаъолият дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, ҷамъоварии латифаҳои тоҷикӣ аз манотиқи мухталифи кишвар ва маҳаллаҳои тоҷикнишини Ҷумҳурии Ӯзбекистон саҳми арзанда гузоштааст. Агар бахше аз латоиф солҳо қабл ба кӯшиши муҳаққиқ дар китоби «Ҳикоёти латиф» соли 1968 ба чоп расида бошад, қисмати бештари онҳо то кунун дар бойгонии шахсии ин олими тавоно маҳфузанд.

Чанде қабл бо кӯшиш ва иқдоми хоҳари устод Мамлакат Маҳдиева ва маблағгузории фарзанди арҷмандашон Шавкатҷон Ҳомидов ин бахши аъзами латифаҳо ва асфонаҳои тоҷикӣ тоб ҳақиқати гуфтаҳои фавқро собит мекунад, зеро дар баробари ҳифозати шеваи нақл ва риояи гӯйиши мардуме, ки аз миёни онҳо навишта шудаанд, исми гӯянда, макони ҷамъоварӣ ва шуморае барои матн зикр ёфтааст. Чун ин латоиф ва афсонаҳо моли мардум ҳастанд ва аз таркиби адабиёти гуфтории тоҷикӣ берун омадаанд, нигоҳ доштани шеваи хоси нақли онҳо бисёр муҳим буд, ки ин амр иҷро шудааст. Бархе аз вожаҳои хоси манотиқи мухталифи Тоҷикистон ва тоҷикнишини Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳошия шарҳ ҳам ёфтаанд, ки барои фаҳму дарки маводи муҳим ва заруранд. Маводи китоби мазкур барои таҳқиқи масоили фолклоршиносӣ ва шевашиносӣ барои муҳаққиқони самтҳои мазкур бисёр арзишманд аст, чун ҳар латифа ва афсонае, ки дар он ҷой гирифтааст, бо лаҳҷаи хоси тоҷикони ҳамон маҳаллу минтақа мавриди истифода ё аз он ҷо китобатинтишор ёфтанд. Китоби «Латифа ва афсонаҳои тоҷикӣ» тавассути нашриёти «Ношир»-и шаҳри Хуҷанд ба чоп расид, ки ба он адабиётшинос, доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов Ҷумъа Ҳамроев пешгуфторе ҳам навишта, ки дар баробари фарогирии шарҳи мухтасари зиндагӣ ва фаъолияти илмии Саъдӣ Маҳдиев ҷигунагии таҳия ва тартиби китоб, шеваҳои ҷобаҷогузории мавод ва арзишу аҳамияти нашри он низ дар ин навишта тавзеҳ ёфтааст. Гуфтанист, ки пофессор устод Ҷумъа Ҳамроев низ дар нашри ин китоб саҳми бориз доранд.

Китоби «Латифа ва афсонаҳои тоҷикӣ» аз ду бахш таркиб ёфтааст. Дар қисмати аввали он, ки матни асосии китоб ҳам ба шумор меравад, бештар аз 5000 ҳазор латифа ва афсонаҳои тоҷикӣ ва бо миқдори хеле кам – чанд адад ӯзбекӣ ҳам ҷой гирифтаанд. Латифа ва афсонаҳое, ки ба китоб шомил шудаанд, аз бойгонии устод Саъдӣ Маҳдиев дар асоси дастнавиштаҳо таҳия гардидаанд ва бештари онҳо нахустин бор чоп мешаванд. Дар ҷараёни танзими мавод ва таҳияву нашри он дастнавиштаҳои мазкур нигоҳ дошта шудааст. Бино ба таъкиди муаллифи пешгуфтор, «дар ҷараёни таҳияи матни афсонаҳо ва латоиф, ки асосан аз забони мардум фароҳам оварда шудаанд, ҳамон шеваи гуфтории онҳо, ки хоси лаҳҷаҳои ин ё он маҳал мебошад, ҳифз шуд. Мо ба асли матни онҳо тасарруф накардем ва танҳо ғалатҳои имлоиро бартараф кардем ва тарзи дурусти навишти баъзе аз вожаву калимот тасҳеҳ шуд. Ҳамин авомил боис шуд, ки мо шартан ба китоб «Латифа ва афсонаҳои мардумии тоҷикӣ» унвон гузорем.

Дар дафтари мусаввадаҳои мураттиб ҷо-ҷо ба такрор номи худи эшон низ дар қатори гӯяндагони латоиф зикр шудааст ва тахмин метавон зад, ки онҳое, ки нақлкунандаашон дақиқан дар хотир нест ё маълум намебошад, бо сабаби саҳмгузорӣ дар фароҳамоварӣ ё бознависӣ аз рӯйи лентаҳо аз номи худи мураттиб оварда шудаанд. Бо сабаби он ки чунин шеваи кор ба таҳиягари китоб мансуб аст, онҳоро низ нигоҳ доштем.

Мурур бар латифаву афсонаҳои шомили китоб шуда бознависӣ шудааст. Аз ин нуқтаи назар, бар пояи маводи он на танҳо унсурҳои шеваҳои мухталифи забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон, балки тоҷикони Ӯзбекистон низ муҳим ба назар мерасад. Афзун бар ин, афсонаву латифаҳои фароҳамомада дар ин китобро барои тадриси фанҳои адабиёти гуфторӣ ё фолклор ва шевашиносӣ босамар метавон истифода кард.

Бахши дувуми китоб, ки «Шамъи хотира» ном гирифтааст, ки ёдномаҳои ҳамкорону наздикону дӯстон ва таҳқиқи олимонро дар бораи зиндагонӣ, шахсият, фаъолияти илмию эҷодии адабиётшинос Саъдӣ Маҳдиев фаро мегиранд.

Нашри китоби «Латифа ва афсонаҳои тоҷикӣ» аз чанд ҷиҳат рӯйдоди арзишманд аст. Дар навбати аввал, бори нахуст маҳсули ҷустор ва ковишҳои ин адабиётшинос ва муҳаққиқи жанрҳои хурди фоклорӣ ба сурати як китоби ҷомеъ ба чоп расидааст, ки дар муаррифии хидматҳои шоистаи ӯ нақши муҳим мегузорад. Аз сӯйи дигар, чун асли матни китоб бар пояи дастнавиштаҳои мураттиб таҳия шудаанд, ҳангоми мутолиа мушоҳида мешавад, ки латифаҳои аз нигоҳи мазмун ва муҳтаво ба ҳам наздик зиёд ҳастанд, ки ба ин нукта дар пешгуфтори китоб ҳам таъкид шуда.

Бар ин асос, нашри китоб дар таҳқиқи матншиносии латифаву афсонаҳо, шеваҳои гуфтор, фарқиятҳо дар нақл, инчунин, дарёфти гунаҳои дигари онҳо дар лаҳҷаву шеваҳои гуногуни тоҷикон арзиш ва аҳамияти муҳим касб мекунад. Дар канори ин, бо истифода аз матни таҳияшуда дар оянда муҳаққиқони ҷавон метавонанд мутуни ноқис ва нокомили латифаву афсонаҳои ҷойдоштаро барқарор ва тасҳеҳ намоянд. Дар канори ин, бо сабаби он ки матни гуфтории латифаву афсонаҳо бар пояи шеваву лаҳҷаҳои муайяни тоҷикӣ таҳия гардидааст, маводи он дар анҷоми корҳои таҳқиқии марбут ба лаҳҷашиносӣ низ аз аҳамияти муҳим бархурдор хоҳад буд.

***Нуралӣ НУРЗОД,***
***доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров***

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Бунёди хобгоҳи замонавӣ



Муовини аввали ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Эраҷ Абдусамадзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ бунёди бинои наву замонавии таълимӣ оғоз гардидааст. Илова бар ин, ба наздикӣ бунёди бинои 10-ошёнаи хобгоҳ барои омӯзгорон ва донишҷӯён (бо дарназардошти 800 нафар донишҷӯ) бо тарҳи муосир шароити муносиб оғоз хоҳад ёфт.

Тибқи маълумоти оморӣ, соли 2024 теъдоди умумии донишҷӯёни донишгоҳ ба 9800 нафар расидааст, ки аз 430 нафар донишҷӯ тибқи квотаи Президентӣ таҳсил менамоянд. Шумораи умумии омӯзгорон дар донишгоҳ 502 нафарро ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумоти охирин, сифати таълим дар донишгоҳ 36,4%-ро ташкил дода, дар муқоиса бо солҳои пешин 9,2% баланд гардидааст.

Дар соли 2024 60 нафар донишҷӯ донишгоҳро ба баҳои аъло хатм намуданд.

***Худододи ИСЛОМ,** «Омӯзгор»*

**Дар ноҳияи Данғара сохтмони 5 муассисаи томактабӣ оғоз мегардад.**

САТРҲО АЗ НОМАҲО

# ПАЁМ – ҚУТБНАМОИ ФАЪОЛИЯТ

***Ҳамасола дар ҳошияи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз ҷониби устодону омӯзгорон ва муҳаққиқон маводу матолиби зиёде ба идораи нашрия ворид мегардад, ки имкони чопи ҳамаи онҳо вуҷуд надорад. Вобаста ба Паёми навбатии Пешвои миллат (28.12.2024) низ нигоштаҳои зиёде ба идораи нашрия ворид шуданд, ки дар онҳо нақши Паём дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа нишон дода шудааст. Аз ин рӯ, зарур шуморидем, ки қисме аз навиштаҳои мазкурро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода, муҳтавои онҳоро пешниҳоди хонандагон гардонем.***

Дар Паёми Пешвои миллат (28.12.2024) ин навбат низ илму маориф ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ баррасӣ шуда, зарурати баланд бардоштани сатҳи таҳсилот, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, густариши таҳқиқоти илмӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир ба таври махсус зикр шуд. Пешвои миллат зикр карданд, ки илму маориф заминаи асосии рушди устувори ҷомеа буда, аз ҳар як омӯзгор, донишҷӯ ва муассисаи таълимӣ масъулияти бештарро талаб мекунад. Яке аз паҳлуҳои муҳимтарини Паём эълон гардидани солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» мебошад. Ба таъкиди Пешвои миллат, ин ташаббус имкониятҳои васеъро барои таъмини рушди соҳаҳои илму маориф ва татбиқи идеяҳои навоварона фароҳам меорад. Аз ҷумла, татбиқи технологияҳои рақамӣ дар низоми таълим, таҳкими инфрасохтори илмӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири омӯзиш ва дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ аз ҳадафҳои асосӣ маҳсуб мешаванд.

***Ислом ИНОЯТОВ,***
***сармуаллими кафедраи методикаи таълими физикаи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров***

***

Ҳамасола дар Паёмҳои Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои татбиқи вазифаҳову мақсадҳои гузошташуда арзёбӣ шуда, барои солҳои оянда вазифаҳову мақсадҳои нав гузошта шуда, дар баробари дигар бахшҳо ба бахши ҷавонон низ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Ҷавонон дар ҳама давру замон қувваи пешбарандаи ҷомеа буда, ояндаи миллату давлат ба онҳо вобаста аст. Дар давоми 33 соли истиқлолият дар самти баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа, муҳайё намудани шароити мусоид барои таълиму тарбияи онҳо, илму касбомӯзӣ, азхуд кардани забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ тамоми шароити зарурӣ муҳайё буда, инчунин, барои амалӣ намудани ташаббусҳои ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин давра дар масъалаи дастгирии ҷавонон санадҳои муҳимми давлатӣ қабул гардида, самтҳои фаъолияти онҳо дар шароити муносибатҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ муайян карда шуданд.

***Амоншо ПАЛАВОНОВ,***
***муаллими калони кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саршори андешаҳои ватандӯстӣ, худогоҳии миллӣ, тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар руҳияи эҳтироми муқаддасоти миллӣ ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Паём ғояҳои нави бунёдкоронаро талқин намуда, моро ба шоҳроҳи тараққиёти ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ҳидоят менамояд. Сарвари давлат чун ҳамешагӣ ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, изҳор доштанд, ки соҳаи илму маориф ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Пешравию рушди ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлат мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад.

***Шаҳноза МАҚСУДЗОДА,***
***мудири шуъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд***

***

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри пешрафти давлату ҷомеа, рушду гулгулшукуфоии меҳан, ороmиву суботи давлати соҳибистиқлоламон ироа гардид. Он ҳамчун ҳуҷҷати стратегии ҳадафманд рушди соҳаҳои мухталифи ҷомеаро дар як давраи муайян ҷамъбаст намуд. Маҳз ба туфайли сиёсати созанда ва маънавибунёди Пешвои миллат имрӯз мо ба марҳалаи рушду нумуъ ва устувор дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат шарафёб гардида истодаем. Дар Паём дастовардҳои назарраси мардуми тоҷик дар панҷ соли охир баён гардиданд. Ҳамчунин, вазифаҳо барои таҳким бахшидану афзун гардонидани онҳо ва бартараф намудани мушкилоту монеаҳое, ки дар ҳаёти ҷомеа ва давлати мо вуҷуд доранд, мушаххас карда шуданд.

Саноатикунонии босуръати кишвар, ки ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ маҳсуб меёбад, барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ мегузорад. Ҳамзамон, саноатикунонии мамлакат, яъне, аз давлати аграрӣ ба индустриалӣ-аграрӣ мубаддал гардондани Тоҷикистон бо ташаббуси Пешвои миллат пеш гирифта шудааст ва ба таври назаррас мавриди амал қарор дорад.

***Нурихон ОХУНҶОНОВА,***
***номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДҲБСТ***

***

Дар Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2024) ҳама самтҳои фаъолияти мардуми кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, ба хотири ҳарчи зудтар ҳаллу фасл намудани мушкилоти умдаи ҳаёти ҷомеа роҳҳои самараноки он мушаххас карда шуданд. Яке аз масъалаҳои асосие, ки Ҷаноби Олӣ зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ба он ба таври махсус дахл карданд, дар сатҳи баланд омода намудани кадрҳои соҳаҳои гуногун аз ҳисоби ҷавонони болаёқат ва ватандӯсту заковатманд дар кишвар мебошад. Лозим ба зикр аст, ки рушду тараққиёти ҳар як ҷомеа аз донишу малакаи ҷавонон вобастагии амиқ дорад, зеро агар сатҳи дониши ҷавонон паст бошад, ба гумроҳиву корҳои ношоиста ҷалб намудани онҳо осон мебошад. Дар самти дастгирии ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати кишвар боз ҳам роҳу усулҳои нав ба роҳ монда мешаванд. Аз ҷумла, Президенти мамлакат қайд намуданд: «Бовар дорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо илму донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои муосир ва саъю талоши навҷӯёнаи худ барои рушди илму инноватсия ва боз ҳам таҳким ёфтани нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзишманд мегузоранд».

***Умар ҶАЛОЛОВ,***
***омӯзгори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент***

***

Пешрафти ҳар як мамлакатро бидуни соҳаи маориф тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ин аст, ки бунёду азнавсозии иншооти соҳаи маориф дар кишвар хуб ба роҳ монда шуда, дар ин замина таъмини воситаҳои таълим ва муҳайё кардани шароити таълиму тадрис дар муассисаҳои таълимӣ дар меҳвари сиёсати Президенти мамлакат қарор дорад.

Дар Паёми навбатӣ зикр шуд, ки дар се соли охир 1500 иншооти соҳаи маориф бунёд гардидааст, ки ин, пеш аз ҳама, барои пешрафти соҳа мусоидати ҷиддӣ хоҳад кард. Рӯз аз рӯз афзун гардидани теъдоди аҳолӣ сабаб мегардад, ки барои васеъ намудани доираи фарогирии наврасон ба таҳсил иншооти соҳаи маориф зиёд карда шавад.

***Осими ОҚИЛ,***
***номзади илмҳои техникӣ, устоди Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон***

***

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи ҳадафи сиёсати давлат дар масъалаи рушди сармояи инсонӣ, бахусус, эътибор додан ба мактабу маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот мебошад. Вобаста ба ин масъала, Пешвои миллат зикр карданд, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ зоҳир кардан ба тарбияи кӯдак, фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбияи насли наврас мебошад. Пешвои миллат бо дилсӯзӣ дар хусуси ояндаи миллат, ба ҷиноят даст назадани ҷавонон таъкид намуданд: «Яъне, то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳад монд». Ба хотири рушди сармояи инсонӣ ҷавонон бояд дар руҳияи хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, илмомӯзию забондонӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, таъриху фарҳанги миллат ба воя расанд.

***Бурҳон САЛМОНОВ,***
***Бӯрибой ҲАЙДАРОВ,***
***кормандони Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ***

***

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва ҷалб намудани ҷавонон ба омӯзиши илму дониш ва технологияи муосир шароити хуби таҳсил фароҳам оварда шудааст. Ба ин мазмун, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карданд: «Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст».

Мо пайравони Синои бузург ва табибони ояндаи кишвар, аз ҷумла, мутахассисони кори ҳамширагӣ, кори фарматсевтӣ, кори дандонсозӣ, кори тиббӣ - ташхисӣ, кори тиббӣ - офиятӣ, кори момодоягӣ ва тиббӣ – профилактикиро зарур меояд, то пайваста омӯзем, мутахассиси варзидаи соҳаи хеш гардем ва барои солимии аҳли ҷомеа талош намоем.

***Фотима РАҲМОНОВА,***
***донишҷӯи Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат***

***Таҳияи***
***Н. ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

ТАВАҶҶУҲ

## Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**барои ишғоли вазифаҳои зерин дар кафедраҳои донишгоҳ озмун эълон мекунад:**

**КАФЕДРАИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ:**
- омӯзгори калон – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ БИЗНЕСИ САЙЁҲӢ ВА МЕҲМОНДОРӢ:**
- дотсент – 3 ҷой, номзади илм.

**КАФЕДРАИ ГЕОГРАФИЯИ ИҚТИСОДӢ ВА ЭКОЛОГИЯ:**
- омӯзгори калон – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА МАҲАЛЛӢ:**
- ассистент – 3 ҷой.

**КАФЕДРАИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН:**
- дотсент – 3 ҷой, номзади илм.

**КАФЕДРАИ СОҲИБКОРӢ ВА ИҚТИСОДИЁТИ СОҲАВӢ:**
- омӯзгори калон – 1 ҷой;
- ассистент – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ ЗАБОН ВА ФАРҲАНГ:**
- дотсент – 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон – 2 ҷой.

**КАФЕДРАИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ВА РОБИТАҲОИ БАЙНИФАРҲАНГӢ:**
- омӯзгори калон – 2 ҷой.

**КАФЕДРАИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГ:**
- дотсент – 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон – 2 ҷой;
- ассистент – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ МОЛИЯ:**
- омӯзгори калон – 2 ҷой.

**КАФЕДРАИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ:**
- омӯзгори калон – 1 ҷой;
- ассистент – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ РИЁЗИЁТ ДАР ИҚТИСОДИЁТ:**
- омӯзгори калон – 2 ҷой;
- ассистент – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ ВА ОМОР:**
- омӯзгори калон – 1 ҷой;
- ассистент – 2 ҷой.

**КАФЕДРАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ:**
- омӯзгори калон – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ:**
- омӯзгори калон – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ:**
- ассистент – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ ҲУҚУҚ:**
- дотсент – 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон – 1 ҷой.

**КАФЕДРАИ ТАЪРИХ ВА ФАЛСАФА:**
- дотсент – 1 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон – 1 ҷой;
- ассистент – 2 ҷой.

**КАФЕДРАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ РУС**
- омӯзгори калон – 2 ҷой;
- ассистент – 2 ҷой.

**КАФЕДРАИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ВА АНДОЗБАНДӢ:**
- дотсент – 1 ҷой, номзади илм.

**Довталабон барои иштирок дар озмун бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:**

1. Ариза ба номи ректор.
2. Тавсифнома.
3. Варақаи шахсӣ.
4. Нусхаи дипломи таҳсилоти олӣ, дараҷа ва унвонҳои илмӣ.
5. Рӯйхати корҳои илмӣ, илмӣ-методӣ, китобҳо, воситаҳо ва дастурҳои таълимӣ дар 5 соли охир.
6. Дафтарчаи меҳнатӣ.
7. Маълумотномаи надоштани доғи судӣ.
8. Ҳуҷҷатҳои муоинаи тиббӣ.
9. Маълумотнома аз ҷойи истиқомат.
10. СИН ва ИНН.
11. Сурат (4 дона 3х4).
12. Папка (скорошивател).

Ҳуҷҷатҳо барои ишғоли вазифа бояд на кам аз 10 рӯз пеш аз оғози ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ ба котиби Шурои олимон пешниҳод карда шаванд.

**Суроға:** ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. **Ҳуҷҷатҳо то як моҳ пас аз нашр гардидани эълон қабул карда мешаванд. Телефон барои тамос: 234-88-02**

**Дар шаҳри Душанбе «Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» муаррифӣ шуд.**

*Бадтарин тарсуӣ он аст, ки бидонӣ, чӣ бояд кунӣ, аммо накунӣ.*
*Конфутсий*



ЭЪЛОН

# Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2025

Агар хоҳед, ки дар соли 2025 аз навовариҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи судманди ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, аз эҷоди бадеии ҳампешагон огоҳ бошед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз мутолиа кунед ва сатҳи донишу маҳорату малакаи худро пайваста боло бардоред, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.

***Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта – 184 сомонию 93 дирам***

**СУРАТҲИСОБИ МО**

*КВД БА ТҶ «Амонатбонк» РМБ 350101626*
*с/ҳ 20202972200817101000 РМА 010009400*
*ҳ/м 20402972316264 Ба «Омӯзгор»*



ПЕШРАФТ

# РМА-и электронӣ чист ва чӣ тавр метавон онро ба даст овард?

Дар Тоҷикистон аз оғози соли гузашта баҳисобгирии электронии Рақами мушаххаси андозсупоранда роҳандозӣ шудааст. Акнун РМА-ро аз хона метавон фармоиш дод. Ташаббуси мазкур дар раванди рақамкунонии хадамоти андозӣ бо мақсади сода кардани ҷараёни ҳуҷҷатгузорӣ роҳандозӣ шудааст.

РМА-и электрониро дар сомонаи Кумитаи андоз - andoz.tj ба даст овардан мумкин аст.

Барои гирифтани РМА дар сомонаи andoz.tj тугмаи «Шахсони воқеӣ»-ро пахш карда, «Баҳисобгирии РМА»-ро интихоб кунед. Дар экран равзана бо аризаи электронӣ кушода мешавад.

Дар ариза мебояд ному насаби гирандаи РМА, ном ва насаби падар ё модари ӯ, номи мақомоти андози маҳалли истиқомат, ҷинсият, санаи таваллуд ва навъи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва рақаму санаи онро қайд намуд.




Дар қисми дуюм бошад, акси шахсӣ бо ҳуҷҷати тасдиққунанда ва нусхаи шаҳодатнома ё шиносномаро боргузорӣ намуда, суроғаи ҷойи зист ва рақами телефону суроғаи электронии худи гирандаи РМА ё волидони ӯ ва маълумот дар бораи падар ё модарашро ишора кардан лозим аст.

Воқеан, боргузории акси «ҳуҷҷати иловагӣ» ҳатмӣ набуда, шаҳрвандон метавонанд ҳар ҳуҷҷати иловагие, ки барои тасдиқи шахсияташон дуруст мешуморанд, илова кунанд.

Бо ҳамин дархости шумо барои баррасӣ қабул шуда, ҷавоби он тариқи СМС-паёмак ба телефони ишорашуда фиристода мешавад. Дар ҳолати қабул шудани дархост, РМА бо паёмак фиристода мешавад. Ҳангоми рад гардидани он бошад, дар паёмак асосҳои қабул нашудани дархост навишта мешавад ва шаҳрванд метавонад номутобиқативу хатоҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, дубора дархост фиристад.

Ҳамчунин, дар ҳолати қабул шудани дархост гувоҳнома дар бораи гирифтани РМА дар шакли PDF ба почтаи шумо ирсол мегардад.

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

# Муаммои «Солим»




**Аз чап ба рост:**

5. Маҷмуъ, ҷамъи одамон. 7. Махзани илму дониш, омӯзиш. 8. Шахси ба дил наздик. 9. «*** нами борон чу ёдат кард, ёдат мекунам» (Лоиқ). 11. «Нанг ва ***», асари Муҳиддини Хоҷазод. 13. Исми шоҳ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 14. Металле, ки дар сохтани тайёраҳо истифода мебаранд. 15. Закӣ, донишманд. 16. Исми маъмули мардона. 18. Навъи сафедор. 20. Шахси якуми шумораи танҳо. 21. Асъори хурди миллӣ. 22. Ба манзил мерасонад. 23. *** Ортиқов, адиби бачаҳо. 25. Мурод, мақсад. 26. Моддаи химиявӣ.

**Аз боло ба поён:**

1. Дороиро гӯянд. 2. Парандаи дурбину тезчангол. 3. «*** медиҳаму намедиҳам сар» (Камоли Хуҷандӣ). 4. Фиребанда, фиребгар, дурӯғгӯй (бо арабӣ). 6. «Дашти ***», қиссаи Сорбон. 7. Хавфнок, даҳшатангез, бимангез. 10. Тарозуро гӯянд. 11. Навъи гилем. 12. Шахси тандуруст. 13. Асбоби ҷангии тирногузар. 16. Хоҳиш доштан. 17. Мутахассиси соҳаи об. 18. Навъи масолеҳи сохтмон. 19. Синфи *** ва деҳқон. 23. Бастакори бузурги олмонии асрҳои 17-18. 24. Ҳаммаънои «фармон».

***Мураттиб***
***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0082601 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2007 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Баротова Иқлима Нусратовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА 0001474, ки онро соли 2004 МТМУ №45-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №121-и ноҳияи Фирдавсӣ) ба Шоева Зарина додааст, эътибор надорад.

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири ҷандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

**Нишонӣ:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
Хуршеда АЗИЗОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Суҳроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
**Индекси обуна:** 68850.
**Адади нашр:** 42564 нусха

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора Ҳ. Ҳомид